В процессе строительства правового государства ученые предлагают ориентироваться не только на европейский и американский опыт, но также учитывать специфику собственной страны и народа. Поэтому синтезировать европейский и американский опыты на таджикской почве может создавать свои трудности, и ученые отмечают такие трудности. Первым из них является особенность советской политической практики строительства государства. Вторым является «многовековые традиции восточного деспотизма», что создает дополнительные трудности. Третьим моментом, который будет более сложно преодолеть, является отсутствие высокой политико-правовой культуры общества, которое на протяжении долгой истории в реальной практике не имела опыта строительства правового государства. Поэтому, несмотря на такие сложности, можно утверждать, что народ Таджикистана стремится формировать новое справедливое политическое общество – правовое государство и будет учитывать опыт других государств. Каждый народ будет учиться у другого народа и переносить лучшие качества на свою почву.

Характеристики правового государства отмечаются многими учеными философами, политологами, правоведами. Они сводимы к таким принципам, отмеченные Ф.Т.Тахировым, специально приводит их в своей научной работе Д.М.Муллоев: «верховенство закона, разделения властей, связанность государства и личности взаимными правами и обязанностями, государство как гарант реального воплощения в жизнь прав граждан, высокая правовая культура» [39,с.10-11. Однако следует отметить, что правовое государство нельзя представить без развитого гражданского общества, так как гражданское общество является основой правового государства.

В процессе строительства правового государства в Таджикистане отмечается такая специфика отношений между тремя ветвями власти, когда законодательная власть не может конкурировать с исполнительной властью. Так Д.М.Муллоев отмечает: «Хотя Парламент стал постоянно действующим и профессиональным, он, тем не менее, не может конкурировать с исполнительной властью в системе сдержек и противовесов» [39,с.10-11]. Именно профессиональный парламент и предполагает не конкурировать с правительством, а контролировать и проверять, совершать надзор за исполнением законов и решений

парламента. Только в таком случае парламент может выполнить свою главную задачу – быть выразителем суверенитета гражданского общества.

Исследуя идеи парламентаризма в Республике Таджикистан, А.З.Иномзода и А.Шехмамадова делают такой вывод: «Принцип разделения государственной власти принуждает парламент бороться за место в управлении государством при наличии политического оппонента в лице исполнительного и судебного органа» [9,с.84]. Несмотря на такой вывод, следует признавать, что авторы все-таки считают, что парламент выполняет такие задачи как контроль, утверждение принятых решений правительством, надзор за другими органами власти в рамках Конституции [9,с.85].

Не менее важной стороной принципа правового государства является высокая правовая культура граждан. Для того, чтобы правовая культура граждан была высокой, необходимо, чтобы все граждане активно принимали участие в политической жизни общества. Принцип демократии предполагает, что каждый гражданин имеет право голоса и государство должен услышать его голос.

Учитывая современные тенденции и развития радикализма на международном уровне, принципы правового государства могут быть серьезной помехой распространения различных форм радикализма и религиозного экстремизма. Поэтому социально-политическая либеральная доктрина Локка в деле создания преград распространению радикализма и религиозного экстремизма является прекрасным союзников светского, правового, демократического государства Таджикистан.

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

**Основные научные результаты научно-исследовательской работы.** Джон Локк был одним из основоположников эмпиризма и ярким представителем первых европейских мыслителей, кто последовательно выразил свои политические убеждения и принципы либеральной политической философии. Главные работы Локка «Опыт о человеческом разумении», «Трактаты о правлении», «Письма о веротерпимости» могут считаться памятниками философской мысли, на основе которой воспитывалось огромное количество поколений политиков из разных стран, не только Англии, но также США, Франции, Германии, России.

Для Локка опыт и является основой получения знания и в своем политическом трактате он придерживается такого положения. Он становится политическим мыслителем, который устанавливает новые рамки для понимания политического мира. Он положил основу новой политической идеологии, на основе которой многие последующие политические мыслители развивали, исправляли, корректировали, выполняли его концепции относительно таких положений, как

естественные права, законы природы (божественные), свобода мысли и необходимость поставить всякие социальные традиции и привычки.

Он наиболее последовательно развивает принцип народного суверенитета, договорной теории происхождения государства. [5-А] Наибольший вклад в политическую теорию Локк сделал, когда более подробно развил принцип разделения властей и превосходство законодательной власти над остальными ветвями власти. Локк является глашатаем священности частной собственности и связывает ее со свободой

Локка можно считать не только систематизатором политических идей своих предшественников, но также создателем наиболее целостной политической системы и теории, отражающей основные положения данной политической системы. Поэтому, если необходимо рассматривать теории классического либерализма, то следует обратить внимание на Локка, идеи которого по настоящее время находят своих последователей, критиков и оппонентов.

Выдающееся место Локка в плеяде политических мыслителей и в истории политической мысли совпадает со Славной революцией в Англии, основные идеи которой находят свое отражение в его политических трактатах.

Концепция Локка о государстве и праве было отражением идей ране буржуазных революций в Европе, особенно английской. Локк опирался на политические мысли и правовые концепции научной мысли XVII века. Он переработал, местами исправил, но самое главное он развил свою более упорядоченную систему политических взглядов, опирающихся на его гносеологическую теорию эмпиризма. Идеи Локка нашли отклики в решении проблем социальной, политической практики последующих столетий – эпохи Просвещения и двух наиболее ярких революций во Франции и Америке.

В политической философии либерализма Локка наиболее полно отражены юридические мировоззрения Нового времени. Особо на себе почувствовали влияние идей Локка французские мыслители (Монтескье, Вольтер, Руссо и др.) и идеологи американской революции (Джефферсон, Мэдисон, Франклин и др.). Особое место занимает концепция естественных прав человека, которая была использована Джефферсоном, Мэдисоном и Пейном в процессе составления Конституции Америки. Идеи Локка вошли как основа в Декларацию прав человека и гражданина, провозглашенную в 1789 г.

Необходимо заметить, что идеи Локка на практике были использованы всеми передовыми мыслителями и политиками Европы и США в процессе составления «Декларации независимости США» и «Декларации прав человека и гражданина» во Франции. [7-А]

Локк, как представитель классического либерализма, предложил формулу веского правового государства – право на жизнь, свободу и

собственность. Именно второй трактат является выражением этой формулы, что можно считать его манифестом либерализма. Т.Джефферсон, как один из авторов «Декларации независимости США» вносит одно единственное изменение в «формулу» Локка, заменив «собственность» на «стремление к счастью» [4], которая в дальнейшем «Декларацию» использовала преамбулой Конституции США.

В периоды социально-политических, экономических обострений и кризисов общество, социальные слои могут обращаться к разным идеологиям, иногда вполне реакционным и экстремистским, которые выражают свою нетерпимость к демократическим ценностям, правовому государству и разделению властей. Особенно идеи Локка становятся актуальными в связи с процессами, происходящими в современном Афганистане с приходом талибов к власти.

Идеи конституционализма, уважения к закону, праву, свободам граждан, к суду, государственной власти является важнейшими принципами в концепции Локка и на сегодняшний день также остаются важными.

Гражданское общество и правовое государство на современном этапе сталкивается с теми же проблемами, которые обсуждаются в «Трактатах» Локка, хотя они совершались в XVII веке, но они имеют некоторую аналогию и схожесть. Поэтому, для более глубокого проникновения в современные проблемы гражданского общества и правового государства теоретическая практика Локка может помочь в их определении. [6-А]

Конечно, для современного читателя работы Локка кажутся примитивными, однако именно его простота и открытость делают его работы привлекательными и актуальными. Модель государства, предложенная Локком, была на практике реализована во многих развитых государствах и является очевидным положением, что в достижении такого развития немалую роль сыграли философско - политические идеи Локка. [1-А]

## Рекомендации по практическому использованию результатов исследования

1. Практическое использование данной работы, где отражены идеи Джона Локка о либерализме, включающие в себя защиту естественных прав (жизнь, свобода, собственность), понимание правительства как инструмента защиты этих прав, а также признание права народа на сопротивление может быть приемлемым. Подход к природе правления, классов и государства, которое присутствует в его философии, оказывается востребованным и в нашу эпоху- эпоху информационного общества, когда он может использоваться в качестве теоретической основы концепций общественного развития.

2. Так же работа может быть использована при разработке учебных программ по философии, политологии в высших учебных заведениях, особенно по курсам «История философии», рекомендуется широко использовать концепции Локка о либерализме, естественных правах, разделения власти.

3. Для граждан, для проявления а**ктивной гражданской позиции:** Осознавая свои неотъемлемые права, граждане могут требовать от правительства их защиты и соблюдения. Если правительство нарушает права, народ имеет право мирно или активно сопротивляться его действиям.

4. Для государственного управления:

Разделение власти: идеи Локка о разделении властей легли в основу современных форм государственного устройства, где власть не сконцентрирована в одних руках.

Защита собственности**:** Признание частной собственности и ее защиты является краеугольным камнем современного либерализма, заложенным Локком, который отражен в данной работе.

5. Для укрепления научного мировоззрения среди молодежи необходимо совершенствовать содержание курсов философии, подчёркивая важность понимания научной картины мира через ее историю, понимания естественных прав и инструмента защиты этих прав. Обучение должно быть не только образовательным, но и воспитательным, направляющим учащихся к более глубокому пониманию реальности и своей роли в ней.

6. В системе среднего образования учителя могут применять понятия -естественные права, разделение власти, гражданское общество при преподавании гуманитарных и общественных наук, используя исторический подход в методике преподавания.

7. В дальнейших философских исследованиях приемлемо использование данной работы для анализа структуры картины с точки зрения правления государства, гражданского общества и может послужить методологической основой для разработки новых научных теорий.

8. Для разработки и реализации политики в сфере науки и образования на государственном уровне данное исследование может быть использовано в качестве концептуальной основы для построения национальной модели философских исследований и её преподавания в Таджикистане.

9. Полученные результаты могут быть положены исследователями и молодыми учеными в основу дальнейшей научной работы, разработки диссертаций, практического применения этих теорий в научной и образовательной среде.

## 1. ПУБЛИКАЦИИ АВТОРА ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

**I.Сатьи, опубликованные в рецензируемых журналах Высшей аттестационной комисии при Президенте Республики Таджикистан:**

[1-А] Ғояи давлати ҳуқуқбунёд аз нигоҳи таълимоти Ҷон Лок//Паёми донишгоҳи Хоруғ».-2019, № 14-саҳ.200.

[2-А] Ғояи истиқлолияти халқӣ (ҳуқуқи халқ ба шуриш) аз нигоҳи таълимоти Ҷон Локк // «Паёми донишгоҳи миллӣ», 2020, № 5, сах.140

[3-А] Назарияи ҷамъияти шаҳрвандӣ ва шаҳрванд аз нигоҳи таълимоти Ҷон Локк // «Паёми донишгоҳи Хоруғ», соли 2020, № 1(14), саҳ.175

[4-А] Идея народного суверенитета (право народа на восстание) с точки зрения Джона Локка //«Паёми донишгохи Хоруғ», 2021, №2 (18), саҳ. 106

[5-А] Теория гражданского общества и гражданина по Джону Локку //«Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон», 2022, № 7,стр. 303

[6-А] Влияние взглядов Джона Локка на формирование политической мысли Соединенных Штатов Америки, //«Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»,2023,№ 10, стр.97

**II. Материалы конференции, доклады и выступления:**

[7-А] «Влияние взглядов Джона Локка на формирование политической мысли Соединенных Штатов Америки», XVII международная научно-практическая конференция «Фундаментальные и прикладные аспекты развития современной науки», сборник научных статей по материалам конференции Научно-издательского Центра «Вестник науки», г. Уфа, 11.04.2025г.

[8-А] «Теория гражданского общества и гражданина по Джону Локку»-доклад на расширенном научно-теоретическом семинаре кафедры общественных наук Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, май 2024г.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 101.34(09)
ББК:87.3 (2)
Х-18

*Ба ҳукми дастнавис*

ҲОМИДОВА МУҲАББАТ РУФАТҶОНОВНА

# НАЗАРИЯИ ДАВЛАТ ДАР ТАЪЛИМОТИ ЛИБЕРАЛИИ ҶОН ЛОКК

Автореферати

диссертатсия барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси *09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)*

Душанбе – 2025

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба иҷро расонида шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Султонзода Соки Аслон** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Салимов Аслиддин Иномҷонович** – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ**

Ҳимояи диссертатсия 26-уми феврали соли 2026, соати 14:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-092-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, толори Шурои диссертатсионии факултети муносибатҳои байналхалқӣ) баргузор мегардад.

Бо рисола ва автореферат дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи расмии ДМТ www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «    » __________ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади илми фалсафа                Ҳаитов Ф.Қ.

## Муқаддима

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Охири асри XX бо ғалабаи як низоми сиёсӣ бар низоми дигар шуҳрат ёфт ва Ф.Фукуяма ғалабаи либерализм дар ҷаҳон ва интиҳои таърихи муқовимати байни капитализм ва сотсиализмро эълон намуд. Маҳз таълимоти сиёсии либерализм дар вақтҳои охир диққати олимони ҷомеашиносро ҷалб намудааст ва зиддияти сиёсии байни либерализм ва консерватизм дар зуҳуроти мухталифи он ҷараёни асосии замони муосир ба ҳақиқати иҷтимоию сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Маҳз ғалабаи либерализм бар сотсиализм дар ҷаҳон диққати олимонро ба сарчашмаҳои ғояҳои либералӣ ҷалб менамояд ва табиист, ки асосгузори либерализм Ҷон Локк ва таълимоти фалсафии ӯро оид ба давлат, хусусан давлати ҳуқуқӣ, ки дар замони муосир хеле актуалист, бояд ёдовар шавем, зеро дар конститутсияҳои аксари мамлакатҳо ақидаи вай оид ба давлати ҳуқуқӣ инъикоси худро ёфтааст. Имрӯз барои бисёре аз давлатҳои пас аз сотсиалистӣ, ки бунёди давлати ҳуқуқбунёдро ҳадафи худ қарор додаанд, ин масъала аҳамияти худро нигоҳ медорад. Чунончи, ғояҳои давлати ҳуқуқбунёд дар моддаи аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Сохтани давлати демократӣ бе ҷомеаи воқеии шаҳрвандӣ, ки аҳамияти онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон таъкид кардааст, имконнопазир аст: "Ҷомеаи воқеии шаҳрвандӣ пояи мустаҳками демократия аст" [40,саҳ.349].

Ҷон Локк – яке аз асосгузорони назарияи материалистии дониши Давраи Нави Англия аст, ки аз рӯи тавсифи аниқи К.Маркс ҳимоятгари буржуазияи навтаъсис ва сарвари ғоявии созиши синфӣ дар соли 1688 буд ва бо азнавсозии ҷамъияти англисӣ ва гузариш аз сохти феодалӣ ба капиталистӣ ба итмом расид. Дар натиҷа Англия ба шоҳроҳи табдилёбии кишвар ба давлати азими капиталистии он давра қадам ниҳод [21,с16].

Локк – яке аз асосгузорони назарияи давлати либералӣ ва ҳуқуқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки дар он ҳокимияти шоҳ ва лордҳо ба қонун итоат мекунанд. Вай шакли ҳокимияти маҳдуди монархия, таълимоти либералии шартномаи ҷамъиятиро пешниҳод мекунад. Ӯ аз зумраи олимоне мебошад, ки принсипи тақсимоти ҳокимиятро пешниҳод намудааст: қонунгузорӣ, иҷрокунанда ва судӣ, ақидаи инқилоби демократиро баррасӣ намудааст. Локк шӯриши мардумро бар зидди ҳокимияти золимона, ки ҳуқуқҳои табиӣ ва озодии мардумро поймол месозад, аз рӯи қонун ва зарурӣ мешуморид. Давлат баҳри кафолати ҳуқуқҳои табиӣ - озодӣ, баробарӣ, моликият ва қонунҳо - сулҳ ва амният созмон дода шудааст ва он набояд ин ҳуқуқҳоро поймол созад ва бояд чунин ташкил шуда бошад, ки

ҳуқуқҳои табиӣ ба таври эътимодбахш таъмин гарданд. Ҳолати табиӣ– ҳолати озодӣ ва баробарии комил аст, ки дар худ молу мулк ва ҳаёти хешро дорад. Ин ҳолати оромӣ ва некхоҳӣ мебошад. Қонуни табиат оромӣ ва амниятро тақозо менамояд. Ҳуқуқҳои муқаррарӣ – ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, ҳуқуқ ба амал, ба меҳнати худ ва натиҷаҳои он мебошад.

Локкро метавон ба қатори файласуфони маърифатпарвари асри XVII дохил кард, ки шакли нави тафаккури ичтимоию сиёсиро пешниход кардааст. Локк дар таълимоти таърихӣ-фалсафии худ тасдик мекунад, ки моликияти хусусӣ яке аз меъёрхои адолат буда, махдуд кардани ваколатхои хокимияти давлатӣ шарти зарурии инкишофи шуури сиёсӣ мебошад. Чизи асосӣ он аст, ки Локк мафхуми «хукуки табииро» ба таври куллӣ аз нав дида баромад, ки асоси марҳилаи нави инкишофи афкори сиёси-фалсафиро ташкил дод.

Ба гуфтаи Е. Ю. Соловьёв, «андешаҳои таърихӣ-фалсафии Локк «то даме ки дар тамоми ҷаҳон институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ибтидои конститутсионализм ва тақсимоти қудрат муқаррар нашаванд, то замоне, ки консепсияи ҳуқуқи инсон инкишоф ва таъсири меъёрии худро ба амалияи иҷтимоию сиёсӣ қатъ накунад, на кӯҳна мешавад ва на аз байн рафта метавонад» [28,с.149]

Аҳамияти мавзӯи интихобшударо бо он исбот кардан мумкин аст, ки Локк бо эҷоди фалсафаи либерализми классикӣ ғояи давлати ҳуқуқбунёдро инкишоф медиҳад, ки тавассути он қариб тамоми мафҳумҳои афкори сиёсии он замон фаро гирифта шудаанд, ки то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

Омузиши таълимоти классикии либералии давлат, асоснок кардани принципи либералии таксимоти ҳокимият то имруз на танхо файласуфон, таърихнигорон ва ҳуқуқшиносон, балки кормандони сиёсиро дар раванди сохтмони давлат низ ба худ чалб мекунад. Дарки мохияти ҳукуқии Локк дар раванди ташаккули конститутсияхо хамчун асоси ташаккули давлати хукукӣ яке аз накшхои асосиро бозид.

Аз ин рӯ, либерализми Локк то имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст ва манбаи баҳси доимии байни либерализм ва дигар таълимоти сиёсӣ мебошад. Аз ин рӯ, таълимоти таърихӣ-фалсафии ва сиёсӣ-либералии Локк дар бораи давлат дар асрҳои минбаъда на фақат байни таърихнигорони фалсафа, балки байни мутафаккирони сиёсӣ ва ҳуқуқшиносон пайваста боиси баҳсу мунозира мегардад.

**Дарачаи омузиши мавзуи илмӣ.** Дар тӯли даҳсолаҳои охир вобаста ба тағйироти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи пасошӯравӣ оид ба масоили назарияи давлат, ҳуқуқи табиӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ дар таълимоти либералии Ҷон Локк эътибори хоса зоҳир намегардид. Андешаҳои сиёсии Ҷ. Локк аҳамияти худро дар мубоҳисаҳои иҷтимоӣ-сиёсии муосир байни либерализм ва

консерватизм, дар идораи давлат, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва махсусан дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёд пайдо намуданд.

Дар рисолаҳои таърихшиносони фалсафа, олимони намоёни сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба мисли И.В.Кеткова [10,с.24], В.В.Соколов [27,с.235], И.И.Кравченко [35,с.128-138], К.С.Нерсесянц [23,с.469], И.С.Нарский [22,с.3-76], Г.А.Заиченко [8,с.268], Э.Ю.Соловьев [28,с.146-166] муаммоҳои назарияи таърихӣ-фалсафӣ ва сиёсии либерализм, ғояҳои давлати муосир, назарияи ҷомеаи шаҳрвандии Ҷон Локк баррасӣ гаштаанд.

Илми таърихӣ-фалсафӣ ва сиёсӣ дар омӯзиши осори эҷодии мутафаккири бузурги англис саҳми боризе гузоштааст. Дар адабиёти тоинқилобӣ оид ба Локк аз ҷониби муаллифони мазкур, ба монанди А.Вишняков [33,с.225-236], В.Ермилов [5,с.29], Е.Ф.Литвинова [16], В.Н.Малинин [17,с.12], В.С.Серебренников [25], В.В.Успенский [29] маълумот дода шудааст.

Аз муҳаққиқони пасазинқилобӣ муаллифони зеринро, аз қабили К. В. Гребенев ва Д. Рахман номбар кардан мумкин аст. Дар кишварҳои Ғарб осори Локкро Фон Визер [30], Хайек [32], Кендал [37,с.62-124], Лампрехт [38] омӯхтаанд.

Дар афкори сиёсии ватанӣ таҳқиқоти махсуси назарияи сиёсии Локк гузаронида нашудааст, аммо дар доираи китобҳои дарсӣ аз фанни сиёсатшиносӣ таълимоти Локк дар шакли мухтасар оварда шудааст. Муаллифони мазкур ба ин масъала эътибор додаанд: А.Н. Махмад [20], Г. Зокиров [6], А. Мухабатова [19].

Аз ҷумла, дар китоби «Сёсатшиносӣ» - и Г. Зокиров, дар фасли «Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хосиятҳои асосии он», омадааст: «…Андешаҳои Ҷ. Локкро бахусус арзёбӣ мебояд. Ӯ тавонистааст ба таври барҷаста хосият ва асосҳои ҷомеаи шахрвандиро нишон диҳад. Зеро мутафаккир, ки ба сифати асосгузори ҷараёни либерализм эътироф гардидааст, бори аввал мақоми шахсро аз ҷомеа ва давлат боло гузоштааст. Озодиро бошад арзиши олӣ меҳисобид. Озодиро ба маънии дахолат накардан ба ҳаёти шахс аз берун ва махсусан, аз ҷониби давлат дар назар дошта буд. Дар саромади озодии инсон ва кафили мустақилияти сиёсии он қарор доштани моликияти хусусиро ҳисоб мекард.» [6,с.245].

С.Ш. Сотиволдиев менависад, ки Ҷон Локк поягузори назарияи либералии нахустбуржуазӣ буда, таълимоти у бар зидди Гоббс равона буда, озодии инсон ва маҳдудияти масъулияти давлатро эътироф менамояд. «Локк, баръакс, таъкид мекунад, ки ҳангоми таъсиси давлат одамон наметавонанд худро аз ҳамаи ҳуқуқҳову озодиҳо маҳрум созанд. Вай аз ҷумла менависад, ки ҳуқуқҳои шахсӣ ба ҳаёт, ба моликият, ба озодӣ ва баробарӣ ҳамеша муттаалиқ ба инсон буда, дар

ҳеҷ ҳолат тасарруф намешваванд» [7,с.263-267]. Аммо бояд қайд намуд, ки дар таълимоти Локк боз ҳуқуқи мардум ба шуриш ҳаст, ки ин назария аз таҳлили Сотиволдиев берун мондааст.

**Робитаи кор бо накшаи кафедра**. Таҳқиқоти мазкур мувофиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултаи сиёсатшиносии ДДХБСТ барои солҳои 2021-2025 таҳти унвони «Густариши сохторхои чомеаҳои анъанавӣ дар замони чахонишавӣ», инчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ба роҳ монда шудааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқот:**

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади рисолаи мазкур омӯзиши назарияи иҷтимоӣ-сиёсӣ, таъсисёбӣ ва шаклгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ дар асоси таҳлили фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Ҷон Локк.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур чунин вазифаҳои таҳқиқотиро баррасӣ менамояд:

- муқаррар намудани заминахои ташаккули доктринаи давлат дар таълимоти сиёсии Локк;
- муайян кардани моҳияти таълимоти волоияти хукук дар консепсияи сиёсии Ч.Локк: бунёд ва ташаккули давлат ва мохияти назарияи «шартномаи чамъиятӣ»;
- асоснок кардани мохияти идеяи «хукуки табии» ва «холати табиӣ» дар консепсияи Ч.Локк;
- баррасии муаммои шаҳрванд, инсон, принсипи индивидуализм, тасдиқи консепсияи моликияти хусусии Локк ҳамчун асоси озодии сиёсию хукукии шахрванд;
- таҳлил намудани идеяи сохибихтиёрии халкӣ ва таксимоти хокимият дар таълимоти либералии давлатдории Локк;
- асоснок кардани он, ки дар давлати хукукӣ ва либералӣ ҳуқуқи мардум ба шуриш метавонад накши асосиро бозад, сарфи назар аз либерализми таълимоти Локк;
- нишон додани таъсири таълимоти сиёсӣ-фалсафӣ оид ба давлат ва ҷамъият, назарияи тағйироти ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ, ки аз ҷониби Ҷон Локк бахри ташаккули ғояҳои давлати ҳуқуқӣ асоснок гардидааст;
- қайд намудани аҳамияти ғояҳои иҷтимоию сиёсии Локк дар бораи волоияти қонун ба амалияҳои воқеии сиёсии давлатҳое, ки шакли нави ҳукуматро интихоб кардаанд.

**Объекти таҳқиқоти рисола** давлат дар таълимоти сиёсии Д.Локк мебошад.

**Предмети таҳқиқот** моҳияти давлати либералӣ, таъсири мутақобилаи он ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрванд,

моҳияти волоияти қонун, хусусияти тақсимоти ҳокимият, моҳияти соҳибихтиёрии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**: Муаллиф кори илмии худро аз соли 2017 оғоз кардааст ва ин давра марҳилаҳои ҷамъоварии маълумот, таҳлил ва синтези илмӣ, интишори нашрияҳо дар маҷаллаҳои илмӣ аз соли 2020 ва баромадҳо дар конфронсҳоро дар бар мегирад. Доираи таърихии тадқиқот маълумотҳоро дар бораи фалсафаи давраи нав ва муосир дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии рисола** ба принсипҳои таърихӣ, объективӣ ва системанокӣ асос ёфтаанд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф усулҳои таърихӣ ва таҳлилӣ истифода шудаанд: омӯзиши гузаштаи таърихӣ, ошкор кардани моҳият ва хусусиятҳои консепсияи Ҷон Локк, таҳлили ғояҳо ва назарияҳои сиёсии мутафаккир ва дараҷаи татбиқи онҳо дар амалия. Таҳқиқотҳои мутафаккирони гузашта, инчунин муҳаққиқони муосири русӣ ва хориҷӣ, ки асарҳои Ҷон Локк ва дигар мутафаккирони гузаштаро дар ин мавзӯъ омӯхтаанд, низ дар бар гирифта шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**: дар раванди таҳқиқот дар рисола, ҳангоми таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи мавзӯъ, усулҳои илмии таҳлили диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-функсионалӣ, системавӣ ва муқоисавӣ ва дигар усулҳои умумии қабулшуда дар ин соҳа истифода шудаанд.

**Манбаъҳои иттилоот**: маълумоти дар рисола баррасишуда аз асарҳои мутафаккирони гузашта, таҳқиқоти илмии муосир, рисолаҳои илмӣ ва рефератҳои онҳо дар ин мавзӯъ, захираҳои интернетӣ, манбаъҳои маҷаллаҳои илмӣ ва муаллифони хориҷӣ гирифта шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ** аз маълумоти аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, аз ҷиҳати мантиқӣ боэътимод ва аз ҷиҳати таърихӣ тасдиқшуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои давлат, ҳуқуқи инсон, консерватизм ва либерализм дар таърихи афкори иҷтимоӣ-фалсафӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ва тоҷикии замони муосир иборат буданд.

**Пойгоҳҳои таҳқиқот**: рисола дар кафедраи фанҳои чамъиятӣ, кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, инчунин кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров бо истифода аз мавод ва манбаъҳои фалсафаи нав ва муосири Ғарб ва афкори иҷтимоӣ-фалсафӣ ва ҳуқуқии муосири тоҷикӣ, инчунин тавсияҳо ва машваратҳои илмӣ, ки аз ҷониби ҳайати омӯзгорони ин кафедраҳо пешниҳод шудаанд, анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки:

- мафхуми асосии таълимоти либералии Локк давлат буда, тавассути тахлили пайдоиши давлат хамаи мафхумхои асосии

таълимоти илмӣ-фалсафии либерализм равшан карда мешаванд;

- дар чараёни таҳқиқ таълимоти Локк дар бораи либерализм, давлати либералӣ ва хукукӣ асоснок карда шуда, қайд мегардад ки, чи тавр методологияи эмпирикӣ ва фалсафии Локк асоси дарки мохияти давлати ҳуқуқӣ мегардад;

- консепсияи инсон, шаҳрванд, шуури сиёсии вай, табиати ақлонӣ ва нишондоди ҳуқуқии ӯ баррасӣ гашта, танқиди абсолютизми Локк, назарияи тақсимоти ҳокимият ва таърихи он таҳқиқ гардидааст.

- тафовути мафхуми холати табиии Локк аз таълимоти пештара нишон дода шудааст, ки Локк мохияти ҳуқуқ ва конунхои фитриро дар анъанахои таърихию фалсафии асрхои XVII-XVIII чи гуна асоснок мекунад;

- инчунин нишон дода шудааст, ки Локк идеяи давлати ҳуқуқбунёдро чӣ гуна инкишоф медиҳад ва дар кадом асосҳои назариявӣ консепсияи ҷомеаи шаҳрвандиро бунёд мекунад. Бо таҳлили фаъолияти амалӣ ва сиёсии Локк, як қатор ҷанбаҳои фаъолияти таърихӣ ва фалсафии ӯ дар рушди ғояҳои фалсафаи либералӣ қайд карда мешаванд.

- тағйирот ва ислоҳоти таълимоти либералии Локк дар тафаккури сиёсии ИМА дар асри XVII таҳлил карда шуда, фарқиятҳои байни тафаккури либералии ИМА ва тафаккури сиёсии Локк нишон дода шудааст. Мероси ғояҳои иҷтимоию сиёсии Локк ва аҳамияти онҳо барои амалияҳои реалии давлатҳои нави пасошӯравӣ, ки дар интихоби конститутсионии онҳо барои бунёди давлати нави ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд, низ таҳқиқ шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташаккули ғояҳои давлат дар таълимоти сиёсии Ҷон Локк дар раванди мубоҳисаҳо бо назариётчиёни абсолютизм ва зери таъсири воқеаҳои таърихӣ-сиёсии Англияи асри XVII ибтидо ёфтааст. Локк заминаи фалсафии назарияи либералии ҳокимияти давлатиро чун натиҷаи созиши иҷтимоӣ дар асоси эҳтироми озодӣ ва баробарӣ асоснок намудааст. Ҳолати табиӣ мувофиқи таълимоти таърихӣ ва фалсафӣ аз рӯи ақидаи Локк зуҳуроти таърихӣ набуда, балки тарҳрезии идеалӣ барои ташаккули принсипҳои либералии ҳуқуқ ба хаёт, озодӣ ва моликият маҳсуб меёбад. Ҳокимияти давлатӣ намояндаи халқ буда, набояд ҳуқуқҳои халкро ба озодӣ, ба ҳаёт ва моликият поймол намояд. Барои Локк абсолютизм ҷомеаи шаҳрвандиро, ки дар либерализми муосир фаъолона истифода мегардад, вайрон менамояд.

2. Ҷамъияти шаҳрвандӣ натиҷаи гузариш аз ҳолати табиӣ ба сиёсӣ мебошад.Ҷомеаи шаҳрвандӣ асоси ташаккулёбии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Шаҳрванди ҷомеа на танҳо иштирокчии ҳаёти

сиёсӣ, балки пайрави ташаккулёбӣ ва идоракунӣ, назорати ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад.

Дар ташаккулёбии давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ Локк ҳуқуқҳои табиии инсонро дар мадди аввал мегузорад. Аммо бо ин қонеъ нагардида, аввалин бор дар таълимоти сиёсӣ шарт мегузорад, ки ин ҳуқуқҳои табиӣ бояд амалӣ гарданд. Локк аввалин файласуфест, ки назарияи давлати ҳуқуқиро баррасӣ намуд, ки баъдтар ба манбаи асосии идеологии ташаккули давлатдории бисёр давлатҳо табдил ёфт.

3. Принсипи тақсимоти ҳокимият ҳанӯз дар даврони атиқа баррасӣ гашта буд, аммо дар осори Локк он густариш ёфт дар ҳоле ки онро бо ғояи давлати ҳуқуқӣ алоқаманд намуд. Назарияи фалсафии Локк баробарии шохаҳои ҳокимиятро дар назар надошт, аммо бартарии ҳокимияти қонунбарорро бар ҳокимияти иҷрокунанда, ки асоси принсипи тақсимоти ҳокимият дар давлати либералист, қайд менамояд.

Ғояи истиқлолияти давлатӣ дар он аст, ки мардум тамоми ҳуқуқҳои хешро ба давлат вогузор намекунад, аз ин лиҳоз ӯ ҳуқуқи назорати мақомоти давлатиро дорад ва дар лаҳзаҳои зарурӣ метавонад органҳои ҳокимиятро аз давлат дур созад. Инчунин Локк андеша дорад, ки мардум ба шӯриш ҳуқуқ дорад, агар ҳокимияти давлатӣ зидди қонун амал намояд, дар ҳоле ки ҳуқуқҳои табиии инсонро бояд ҳифз намояд.

4. Таълимоти либералии Локк ба андешаи сиёсии асри XVIII таъсири амиқ гузошт, ки намунаи он ташаккулёбии системаи сиёсии амрикоӣ мебошад, дар ҳоле ки падарон-асосгузорони Амрико, на танҳо ғояҳои Локкро дар амал татбиқ намуданд, балки онро куллан тағйир доданд. Ин омил ба ҳокимияти давлатии президент ва ташаккулёбии Конститутсияи ИМА тааллуқ дорад.

Андешаҳои Локк дар бораи давлати ҳуқуқии либералӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ то асри XX идома ёфта, файласуфон, сиёсатшиносон ва ҳуқуқшиносонро ба худ ҷалб карданд. Андешаҳои ӯ, бахусус дар давлатҳои нави пасошӯравӣ, дар конститутсияҳои онҳо инъикос ёфтаанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчун як ҷомеаи сиёсӣ, чунон ки Локк тасаввур мекард, ба пояи давлатҳои демократӣ ва қонунӣ табдил меёбад, ки аҳамияти таълимоти либералии Локкро инъикос мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқот оид ба назарияи давлат дар доктринаи либералии Локк дорои аҳамияти бунёдӣ дар омӯзиши таърихи фалсафа ва таълимоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ мебошад. Арзиши рисола дар он зоҳир мегардад, ки ташаккулёбии андешаи давлат ва ҳуқуқи табиӣ, идеяи давлати либералӣ аз рӯи ақидаи Локк дар асоси

алоқамандии байниҳамдигарии донишҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, таърихӣ ва ахлоқӣ асоснок гаштаанд. Аз ин бармеяд, ки дар рисола назарияи иҷтимоӣ-фалсафӣ ва сиёсии Ҷон Локк таҳлил гардида, метавонад дар самти мубоҳисаҳои идеологии байни либерализм ва консерватизми таҷрибаи иҷтимоӣ-сиёсии муосир истифода гардад.

Маводи рисола инчунин дар раванди таҳия ва таълими таърихи афкори фалсафӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, дар фаъолияти амалии системаи идоракунӣ ва маориф, ҳамчунин дар коркард ва амалигардонии барномаҳо ва лоиҳаҳои дарозмуддат дар самти сиёсати давлатӣ метавонад ба кор бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бо роҳи ба даст овардани маълумоти воқеӣ, ки бар асоси таҳлили консепсияҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ ва сиёсии Ҷон Локк ифода ёфтааст, муайян карда мешавад. Дар рисола аз манбаъҳои таълимоти мутафаккирони қаблӣ ва муҳаққиқони муосир дар ин мавзӯъ истифода шудааст. Дар таҳқиқот муқаррарот ва далелҳои асосноке интихоб шудаанд, ки таълимоти таърихӣ, фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсиро тасдиы мекунанд. Рисола ба пешрафтҳои илмӣ дар афкори таърихӣ ва фалсафӣ, инчунин таърихи таҳқиқоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ такя мекунад. Дар рисола аз тажрибаҳои илмӣ ва методологии санҷидашуда истифода шудааст.

**Мувофиқати рисола ба паспорти ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии мазкур ба шифри тасдиқгардидаи КОА (ВАК)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси 09-00-03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ** дар муайянсозии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайянсозии объект ва предмети таҳқиқот, гузориши саволҳои асосии таҳқиқот,баррасӣ ва тафсири маводи дастрасгардида, коркарди назариявӣ ва методии мақом ва тавсияҳо мебошад. Хулосаҳое, ки дар рисола ҳастанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб меёбанд.

**Тасдиқи рисола.** Рисола дар кафедраи фанҳои ҷамиъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Мавзӯи таҳқиқот дар ҷаласаи кафедраи зикршуда баррасӣ ва тасдиқ карда шуда, барои дифоъ тавсия дода шудааст. Муқарраротӣ асосии рисола дар мақолаҳо ва тезисҳо, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиягардидаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва дар конфронсҳои илмӣ пешниҳод шудаанд, инъикос ёфтаанд.

**Нашрияҳо дар мавзӯи рисола**: Муаллиф шаш мақолаи илмиро дар мавзӯи рисола пешниҳод кардааст, ки дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба қайд гирифташуда, инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ, ки дар асоси маводи Конфронси 17-уми байналмилалии илмӣ ва амалии Маркази нашриёти илмӣ "НИЦ Вестник Науки" нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола**. Рисола аз муқаддима, се боб, ки аз ҳашт параграф иборатанд, хулоса, тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт аз 152 манбаъ, захираҳои илмӣ ва электронӣ ва нашрияҳои муаллиф оид ба мавзӯи рисола иборат аст. Матни рисола дар 194 саҳифаи чопшудаи компютерӣ пешниҳод шудааст.

**Қисмҳои асосии таҳқиқот.** Дар боби аввали «Моҳияти давлат аз нигоҳи Ҷон Локк», дар параграфи якум бо номи «Асосҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ғоявӣ дар таълимоти сиёсии Ҷон Локк оид ба давлат» муаллиф заминаҳои ғоявӣ, вазъи сиёсии ташаккулёбии андешаи сиёсии Ҷ.Локкро таҳлил намудааст. Дар таърихи андешаи сиёсии Даврони Нав исми Ҷон Локк дар раванди заминагузории фалсафаи либералӣ, назарияи муосири давлати ҳуқуқӣ, дарки ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҷдиди назар дар фаҳмиши ҷомеаи сиёсӣ, шаклҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ва коркарди фаҳмиши нави нақши идораи ҳокимияти давлатӣ қарор дорад. Назарияи пайдоиши давлати Локк объекти таҳлил ва танқиди мутафаккирони асрҳои XVII-XX Самуэл Пуфендорф, Г. В. Лейбнис, Монтескё, ки бар таълимоти Локк оид ба давлат такя мекарданд, қарор гирифт. Махсусан Жан-Жак Руссо, Томас Ҷефферсон ва Гегелро бояд қайд намуд, ки онҳо на танҳо ҳимоятгарони назарияи Локк буданд, балки мунаққидони ашадии ӯ низ маҳсуб меёфтанд.

Бояд зикр намуд, ки фалсафаи Локк дар давраи инқилоби англисии асри XVII асоснок гардид. Ҷон Локк “асосгузоре” буд, ки андешаҳои назариявиаш ба ташаккул ва дастгирии «инқилоби пуршараф» ва натоиҷи он нигаронида шуда буд. Тавре ки муҳаққиқон қайд менамоянд: «Роҳи инкишофро аз монархияи конститутсионӣ ва демократия то ба золимии харбӣ ва инқилоби солҳои 1688-1689, инқилоби англис бо ташаккулёбии ду ҳизби миллӣ - вигҳо ва тори итмом гардид, ки манфиатҳои буржуазия ва ашрофони навро ҳимоя мекарданд, ки байни ҳам соли 1688 аҳднома бо номи «инқилоби пуршараф» баста буданд [13]. Локк таълимоти Гоббсро оид ба ҳокимияти мутлақ танқид намуда, ҳокимияти маҳдудро пешниҳод менамояд, ки аз таҷрибаи сиёсии Англияи асри XVIII бармеояд. Давлат ин натиҷаи аҳднома аст, на гузариш аз ҳолати андешаи Гоббс «ҷанги ҳама бар зидди ҳама». Аммо дар ҳолати табиӣ баъзе ҳуқуқҳо ҷой доштанд, ки онҳоро бояд риоя мекарданд ба монанди қонуни ҳамзистӣ, аммо мақомоте ҷой надошт, ки онро ба танзим дарорад ва ҳуқуқҳоро ҳимоя намояд.

Тибқи назарияе, ки то давраи Локк мавҷуд буд, аҳдномаи иҷтимоӣ дар заминаи пайдоиши давлат қарор дошт ва маҳз ин аҳднома дар заминаи бартараф намудани низоъи байни одамон, байни ҷомеа ва давлат ҷой дошт.

Масалан, ҳуқуқ ба моликият, ҳаёт ва озодӣ, баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун ҳуқуқҳои табиии инсон маҳсуб меёбанд ва онҳо сарҳади таъсири ҳокимияти давлатро муайян менамоянд.

Тибқи ақидаи Гоббс давлат ҳақ дорад ин сарҳадро убур намояд, ҳарчанд Локк оид ба ин масъала андешаи дигар дорад. Аз ин лиҳоз, дар ин ҷо ихтилофи байни Гоббс, Макиавелли ва Локк ба назар мерасад, ки барои аввалинҳо давлат манфиатҳои худро дорад ва аз манфиати ҷомеа дур аст. Локк дарк менамояд,ки шаҳрвандон ваколатҳои хешро ба давлат супорида, набояд пурра аз ҳуқуқҳои худ ба моликият даст бикашанду озодии хешро маҳдуд намоянд. Бинобар ин, минбаъд Локк ғояи давлатро чун «ҳомии шабона», ҳимоятгари озодӣ ва моликияти шаҳрвандон рушд медиҳад.

Агар Гоббс бар андешаи он буд, ки ҳолати табиӣ ин ҷомеаи шаҳрвандии пур аз зулму истибдод аст, аммо барои Локк баръакс ҳолати табиӣ нисбатан комил аст. Локк дар асари худ «Таҷрибаҳо оид ба қонуни табиат» фарқияти байни ҳуқуқҳои табиӣ ва ҳуқуқҳое, ки дар асоси қонун ба даст омадаанд, меорад. Локк дар рисолаи худ «Таҷрибаҳо оид ба фаҳмиши инсон» тақсимбандии қонунҳоро асоснок намудааст. Мақоми аввалро ӯ ба қонунҳои Худованд медиҳад, баъдан қонунҳои шаҳрвандӣ меистанд ва дар охир афкори ҷамъиятӣ ҷойгир шудааст. Қонунҳои Худованд ба дин ва ҳолати ибтидоӣ, қонунҳои шаҳрвандӣ ба давлат, қонунҳои афкори ҷамъиятӣ бошанд, ба ҷомеа тааллуқ доранд ва масоили неку бадро меомӯзанд. Принсипҳои ахлоқиро риоя кардан ё накарданро худи инсон интихоб менамояд. Локк қонунҳои Худовандро табиӣ шуморида, аз ҳама боло мегузорад, зеро сарчашмаи ҳамаи қонунҳо худи Худованд аст.

Инчунин, Локк ҳуқуқи байналмилалиро низ муайян сохтааст. Ҳуқуқи байналмилалӣ ба мисли ҳуқуқи шаҳрвандӣ натиҷаи созиши байни инсонҳост. Аммо ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи табиӣ такя нанамуда, ба қавли Локк : «ҳамаи ин созиш, натиҷаи аҳднома буда, мавҷудияти қонуни табиатро исбот наменамояд, он бояд номи ҳуқуқи байналмилалиро дошта бошад, чунки на аз рӯи талаботи қонуни табиат, балки аз рӯи фаҳмиши манфиати умум зуҳур менамояд [15,с.28].

Ҳангоми ҳимояи ҳуқуқи инсон дар таълимоти Локк ҷои асосиро формулаи сегонаи «ҳаёт, озодӣ ва моликият» мегирад. Бояд қайд намуд, ки ин се ҳуқуқ байни ҳам алоқамандӣ доранд ва Локк чунин мешуморад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳуқуқ ба озодӣ асоси ташаккулёбии

ҳуқуқ ба моликият аст. Тавре ки қайд гардид, ҳуқуқҳои табиӣ ба таркиби ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ метавонанд ворид карда шаванд ва ба ҳамин тариқа, фарқияти ҷиддии байни ҳолати табиӣ ва шаҳрвандӣ ба қавли Локк мавҷуд нест. Локк менависад: «ба таври ошкоро нест мавҷуде, ки аз як авлод ва намуд, ҳангоми таваллуд бе фарқият, бартарии якхелаи табиӣ дошта бошанд, ҳамон як қобилиятҳоро ба кор баранд, бояд байни ҳам баробар бошанд, бе ягон хел тобеият ва фишор» [15,с.263]. Баҳри татбиқи пурраи озодии хеш бояд соҳиби моликияти хусусӣ бошад, ки ин на танҳо соҳибмулкӣ, балки ҳамчунин соҳиби имкониятҳои ҷисмонии хеш будан аст.

Консепсияи Локкро на танҳо чун заминаи либерализм бояд шинохт, балки инчунин асоси либерализми ҳуқуқӣ низ дарк намуд, дар ҳоле ки озодӣ тахмин мезанад, то ҳар як фард дар ҷомеаи гражданӣ тибқи қонунҳои қабулгардида умр ба сар барад. Маҳз такя ба ҳуқуқ фалсафаи сиёсии Локкро ташкил намуда, ӯро чун яке аз асосгузорони либерализм муаррифӣ менамояд. Аммо ӯро идеалист номем ҳам мумкин аст, чунки ӯ ба ҳуқуқ чун ба заминаи ташаккулёбии ҷамъияти шаҳрвандӣ такя намудааст. Қонунҳо кафолати мавҷудияти ҳуқуқҳои табиии инсон ва шаҳрванд буда, танҳо дар асоси қонун инсон худро аз таҷовузи дигар шаҳрвандон ва ҳатто давлат ҳимоя менамояд. Консепсияи пешниҳоднамудаи Локк нақши муҳимро дар пайравони минбаъдаи доктринаи либералӣ ҳам дар сиёсат, ҳам дар сохтори давлатӣ ва ҳам дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ мебозад.

Масъалаи пайдоиш ва ҳудуди ҳокимияти сиёсӣ яке аз муаммоҳои муҳимтарини фазои ғоявии ондавраинаи Англия буд ва Локк бо он хеле хуб ошно буд. Локк бо пешгузаштагони хеш мусоҳиба намуда, бар андешае буд, ки онҳо нисбатан низоми суст доштанд, тангназар буданд ва гуруҳҳои маҳдуди муайян доштанд. Локк монархияи маҳдудро ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон назарияи тақсимоти ҳокимиятро, ки пешгузаштагони ӯ надоштанд, пешниҳод менамояд. Реализми Локкро чун ҷавоб ба мушкилоти нави иҷтимоӣ, ки танҳо бо роҳи созиш муаммои сиёсӣ ҳалли худро меёфт, муайян кардан мумкин аст.

Ҷанбаи муҳими консепсияи Локк оид ба идораи давлатӣ консепсияи намояндагӣ маҳсуб меёбад. Тибқи андешаи Локк, халқ намояндагони худро интихоб менамояд, аммо дар хусуси демократияи комил ҳоло сухан намеравад. Локк масалан, чунин мешуморад, ки тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ намояндагони халқанд, чунки танҳо халқ ҳақ дорад мақомоти давлатии ҳокимиятро ташаккул диҳад. Ҳатто Ҳоким намояндаи халқ маҳсуб меёбад.

Яке аз мавзуҳои калидии назарияи Локк, ки қаблан қайд гардида буд, ин ғояи тақсимоти ҳокимият буд. Барои Локк андешаи

тақсимоти ҳокимият баҳри нигоҳдории озодӣ дар ҷамъият ногузир аст, дар ҳоле ки ваколати чамъиятии ҳокимият дар дасти як нафар инсон нест. Локк бикӯшид то сатҳи бадастовардаи низоми сиёсиро иброз намояд: а) тақсимоти ҳокимият, технологияи идоракунии давлатро осон менамояд; б) маҳдудсозии ҳокимияти шоҳ ва пурзӯркунии ҳокимияти парламент. Тибқи ақидаи Локк халқ ба шӯриш ва барҳам додани на танҳо ҳокими золим, балки ҳокимияти давлатӣ куллан ҳақ дорад: «бо муроҷиат ба осмон қувваро зидди қувваи беадолатӣ ва ғайриқонунӣ ба кор барад» [15,с. 370].

Меъёри асосии Локк шикастани аҳдномаи ҷамъиятӣ аст, ки дар ин амал ӯ бо Гоббс фарқият дорад. Ҳуқуқи халқро ба шӯриш ҷонибдорӣ намуда, Локк ба ҳамин тариқа, мекӯшад ҳокимиятро аз ғасби золим маҳдуд созад. Локк далелҳои ҷонибдорони яккаҳокимиятӣ ва ғасбро пешбинӣ намуда, мегӯяд, ки яккаҳокимиятӣ асоси оромӣ ва тартибот аст ва менависад: «ормони оромии золимон сулҳ набуда, ҳолати бадтарини зӯроварӣ ва роҳзанист, ки бар манфиати дуздон ва золимон аст» [15,с.394].

Ҳамчунин Локк муҳим мешуморад, ки ҳокимияти давлатӣ дар мадди аввал бояд бо назардошти баъзе шартҳо махсусан агар давлат қонунҳо ва аҳдномаи иҷтимоиро риоя намояд ва дар давлат волоияти ҳокимияти қонунгузор таъмин бошад. Мақомоти қонунбарор бояд зимнан зери назорати Ҳоким бошад, лекин дар тобеияти комил набояд бошад. Аммо новобаста аз танқиди Локк бояд дарк намуд, ки ӯ сатҳи рушди андешаи сиёсии он давраро инъикос намудааст, ки аз камбудиҳо ва норасоиҳои дониши таърихӣ холӣ нест.

Дар параграфи дуюми боби аввали «Ҳуқуқи табиӣ ва давлат аз нигоҳи Ҷ.Локк» масъалаи муносибати ҳуқуқи табиӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар либерализми Локк баррасӣ гаштааст. Дар назарияи Локк нақши муҳимро мафҳуми «ҳолати табиӣ», дар муносибат бо андешаи Гоббс муқоиса мегардад. Тавре ки Локк менигорад, ҳолати табиӣ-ин «ҳолати озодии комили одамон дар муносибат бо амали онҳо ва дар ихтиёрдорӣ бо моликияти худ ва шахсияти худ аст» [15,с.263]. Барои Локк гузариш аз «ҳолати табиӣ» ба ҳолати шаҳрвандӣ натиҷаи интихоби оқилона аст, ки аз андешаи Гоббс фарқият дорад.

Мавзӯи мазкур дар андешаи Локк дар ғояи истиқлолияти мардум дар назди давлат, ки дар заминаи ин андеша яке аз мафҳумҳои асосии Локк «ҳолати табиӣ» меистад, инъикос ёфтааст. Тибқи мафҳуми мазкур, Локк боисрор таъкид менамояд, ки халқ ҳуқуқ дорад қисми истиқлолияти худро ба давлат диҳад. Ташаккулёбии давлат чун натиҷаи муттаҳидии озоди шаҳрвандон дар асоси аҳдномаи тарафайн чун институти ҳифзи шароитҳои иҷтимоӣ ва амалигардии ҳуқуқҳои табиӣ мебошад.

Дар назарияи Локк дар ҳолати табиӣ алоқаҳои ибтидоии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қарор доранд. Аз ин лиҳоз, дар шароити давлати ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои табиӣ аз ҷониби шаҳрвандон ҳифз мешаванд ва маҳз дар ин аст моҳияти давлати ҳуқуқӣ. Андешаи Локк оид ба ҳолати табиӣ характери идеалӣ ё комил дорад, чун доктрина ва ҳифзи сохти нав ва ҳам чун асоси мубориза бо назариётчиёни ҳокимияти мутлақ. Ҳамин тариқа, дар ҳолати табиӣ тақсимоти моликият ба амал меояд ва маҳз ҳамин амал заминаи гузариш ба ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи интиқоли моликияти шахсӣ ба насли ояндаро медиҳад.

Дар ҳолати табиӣ ҳуқуқи мерос мавҷуд нест. Локк ақида дорад, ки инсон ҳақ дорад, соҳибмулк бошад, аммо андозаи он бо тарзе муайян мегардад, ки миқдори моликият ба қобилиятҳои худи инсон мувофиқат намояд. Ба қавли Локк моликият дар ҳолати табиӣ барои ҳамагон баробар буд ва манфиатҳои одамон низ ба ҳам мувофиқ буданд.

Барои Локк ҳолати табиӣ предмети исботи мавҷудияти ӯ дар ҳақиқати таърихӣ набуд, ин ҳолат наметавонист дер ҷой дошта бошад. Дар муносибатҳои байналхалқӣ низ ҳолати табиӣ метавонад мавҷуд бошад, чунки ҳар як давлат манфиатҳои худро дорад.

Дар ҳолати табиӣ озодии мутлақ мавҷуд аст, аммо оқилӣ сабаби маҳдудияти амалҳои табиӣ ва озодии комил мегардад. Агар қонуни табиӣ ҳуқуқи ҷудонопазири инсон бошад, пас на ҳамаи он пурра дар қонунҳои иҷтимоӣ инъикос мегарданд. Давлат тавассути қонунҳои шаҳрвандӣ идора мешавад, аммо инсон бошад, ҳам бо қонунҳои табиӣ ва ҳам бо қонунҳои шаҳрвандӣ. Барои Локк байни қонуни табиӣ ва ҳолати табиӣ зиддият вуҷуд надорад, аммо самти фаъолияти онҳо алоқамандӣ дорад.

Барои либералҳо моликият асоси ҳуқуқи табиист, аз ин лиҳоз Локк моликияти хусусиро натиҷаи меҳнат мешуморад ва зидди тарафдорони ҳам баробарсозӣ ва ҳам феодалону ҳокимон баромад менамояд. Бинобар ин, давлат барои ҳифзи ҳуқуқҳои табиӣ ва қонунҳои табиӣ созмон дода шуда, риояи онҳоро кафолат медиҳад.

Локк ҳолати табииро ба ду марҳила тақсим менамояд: ҳолати баробар ва нобаробар. Вақте ки давлат ташкил мешавад, мардум бар ақли хеш такя намуда, ваколатҳои муайянро ба давлат вогузор менамояд. Андешаи Локк дар ин маврид аз Гоббс ва Р.Филмер фарқ дорад. Маҳдудияти ҳокимияти давлатӣ бо ҳуқуқи табиӣ муайян мегардад. Қонунҳое, ки аз ҷониби ҳокимият қабул мегарданд, ба ҳуқуқу қонунҳои табиӣ бояд мувофиқат намоянд ва ин меъёри муҳими баҳогузории ҳокимияти давлатӣ, меъёри дарки адолат аз беадолатӣ мебошад.

Аз ин ҷост, ки қонунҳо бояд манфиати умумро инъикос намоянд, на шахси алоҳида ё гуруҳро. Қонунҳои шаҳрвандӣ бояд доимӣ бошанд, чунки қонунҳои табиӣ доимианд. «Он ҷое ки қонун нест, озодӣ ҳам нест» [15,с.293].

Қонунҳои табиӣ ва қонунҳои шаҳрвандӣ набояд зидди якдигар бошанд. Локк чун индивидуалист қонунро ҳифз мекунад, ва онро иродаи ҳамагон меҳисобад. Шоҳ ва намояндагони мақомоти давлатӣ-ифодакунандаи иродаи умуманд, чунки «аъзои ҷомеа бояд ба иродаи ҷомеа тобеъ бошанд» [15,с.351].

Агар касе аз қонун боло бошад, пас вай дар ҳолати низоъ бо ҳамагон аст. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқҳои фитрӣ ғасби ҳокимиятро маҳдуд месозанд ва набояд дар як даст тамаркузи қудрат вуҷуд дошта бошад, вақте ки ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроияро як шахс ё гуруҳи шахсон ба амал мебароранд. Асоси тақсимоти қудратҳо ҳуқуқи фитрӣ қарор дорад ва бидуни он принсипи тақсимоти қудратҳо сафсатта аст. Бинобар ин, ҳадди ҳокимиятро қонуни фитрӣ (табиӣ) муайян месозад. Чунон ки Локк менависад, «ьокимияти соҳибихтиёр ҳеҷ касро бе розигии ӯ аз ягон қисми моликияташ маҳрум карда наметавонад» [15, с. 343].

Шартномаи иҷтимоӣ дар консепсияи Локк ҳукуматро ҳамчун василаи ҳалли низоъҳои эҳтимолӣ дар ҳолати табиӣ муаррифӣ мекунад, зеро ҳар кас қозӣ ва даъвогари худ аст, аммо дар давлати шаҳрвандӣ агар ҳукумат яке аз тарафҳои муноқиша гардад, он ҳамзамон ба сифати даъвогар ва судя баромад мекунад.

Муносибати махсус ба қудрати подшоҳ .Ба андешаи Гоббс подшоҳ шарики шартнома аст, аммо барои Локк шоҳ шарики шартнома нест ва бинобар ин мантиқан ҳуқуқи халқро барои сарнагун кардани ҳокимияти подшоҳ ва тамоми ҳокимиятро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Аммо Локк чунин мешуморад, ки барои ба кор бурдани ҳуқуқи исён кардан иродаи аксарияти мардуми оддӣ зарур аст, чунон ки барои хулоса қабули қонунҳо.

Локк дар Паёми худ дар бораи таҳаммулпазирии динӣ ҳақиқати шахсро дар робита бо аксарияти оддӣ баррасӣ мекунад, ки дар он ҷо вай аз ҳуқуқи америкоиҳо, агар онҳо масеҳиятро қабул накунанд, дифоъ мекунад. Ҳеҷ кас набояд аз моли заминии худ барои ақидаҳои диниаш маҳрум карда шавад ва америкоиҳое, ки худро тобеи як подшоҳи масеҳӣ меҳисобанд, набояд аз ҳаёт ё моликият маҳрум карда шаванд, зеро онҳо дини масеҳиро қабул намекунанд. Агар бовар доранд, ки бо адои маросими бобоёнашон Худоро хушнуд мекунанд ва наҷот мeёбанд, пас бояд ба худашон ва Худои худ вогузор шаванд [15,с.115].

Дар параграфи сеюми боби аввал «Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрванд аз нигоҳи Локк» гуфта мешавад, ки дар охири асри XX ва

ибтидои асри XXI масъалаи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсатшиносӣ боз ҳам мубрам гардид, ин махсусан ба равандҳои пошхурии ҷамъияти советӣ ва ташкил ёфтани давлатҳои нави мустақил вобаста аст. Файласуфон, сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон дар осори худ ин масъаларо фаъолона муҳокима мекунанд.

Барои дарки пурраи мафҳуми ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи позитивӣ чунин мафҳуми муҳими таълимоти иҷтимоию фалсафиро ба монанди мафҳуми **шахрванд** махсус қайд кардан лозим аст. Маҳз дар консепсияи Локк мафҳуми шаҳрванд дар робита бо мафҳуми ҳуқуқи фитрӣ ва шартномаи иҷтимоӣ нишон дода шудааст.

«Шаҳрванд» ва «ҳуқуқи шаҳрвандӣ» мафҳумҳое мебошанд, ки гузариш аз ҳолати табииро инъикос намуда, шахсият ва гуруҳи ашхосро ифода мекунанд, ки дорои ҳуқуқҳои хаттии дар қонун муқарраршуда ва шакли ташкили ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷомеа мебошанд. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳар як шаҳрванд системаи ҳуқуқ ва меъёрҳое дода мешаванд, ки ҳуқуқи он дар доираи қонун озодона баён кардани иродаи худро таъмин менамояд.

Дар адабиёти таърихию фалсафӣ аввалин назарияшиносе, ки мафҳуми шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандиро пурратар таҳқиқ кардааст, Арасту мебошад ва мероси назариявии ӯ аз таҳаввули дуру дароз гузашта, таъсири басо амиқ гузоштааст. Барои Арасту шаҳрванд шахсест, ки ҳуқуқи иштирок карданро дар идоракунии давлат дорад. Шаҳрванд, ки моликияти хусусӣ надорад, узви комилҳуқуқи ҷамъияти граҷданӣ шуда наметавонад [2,с.63]. Аммо барои Арасту меъёри асосии шаҳрванд озодии ӯст ва дар оилаи шаҳрванди озод таваллуд шудан аст.

Олимони англис низ мафҳуми шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандиро мавзӯи таҳлил қарор додаанд. Махсусан, асари Гоббс «Левиафан» - ро қайд кардан лозим аст, ки фасли махсусро ба таҳлили гражданӣ бахшидааст. Гоббс аллакай байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фарқият мегузорад. Аммо асарҳои Локкро махсус қайд кардан лозим аст. Асари Локк дар бораи зеҳни инсон ба мушкилоти гражданин қонуни табиӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дахл дорад. Аллакай дар ин асар Локк қайд мекунад, ки асоси ҷамъияти гражданиро моликияти хусусӣ ташкил медиҳад ва бо ҳамин ба консепсияи иҷтимоию сиёсии либерализм замина мегузорад.

Локк қайд мекунад, ки агар асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ моликият бошад, пас дар ҷомеаи сиёсӣ шаҳрвандоне мавҷуданд, ки моликияти худро ихтиёрдорӣ мекунанд, баръакси қудрати падарӣ ва қудрати золим. «Ҳокимияти падарӣ танҳо дар он ҷо вуҷуд дорад, ки кӯдакӣ кӯдакро аз ихтиёрдории моликияти худ нагардонад; ҳокимияти сиёсӣ - он ҷое ки одамон дар ихтиёри худ моликият доранд; қудрати

истибдодӣ ба онҳое, ки тамоман моликият надоранд, паҳн мешавад» [2,с.365].

Локк аввалин мутафаккири англиси асри XVII буд ки мафхуми моликиятро чун асоси мавҷудияти шаҳрвандӣ пешниҳод карда буд. Ба ақидаи Локк инсон набояд барои ҳифзи худ ба силоҳ такя намояд, набояд ба ҷанг омода шавад, тавре ки Гоббс ҳолати табииро пешниҳод кардааст. Инсон пеш аз ҳама, бояд моликият дошта бошад. Ҳанӯз Маркс хизматҳои Локкро дар нишон додани моликият чун асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ қайд мекунад.

Агар давлат бар манфиати аксарият итоат карда, дар асоси ризоияти умумии гражданинҳо амал кунад, он гоҳ вай як чизи том ва организми ягонаеро мемонад. Пеш аз ҳама, барои Локк ҷомеаи шаҳрвандӣ маънои ҷомеаи сиёсиро дорад, бинобар ин, ҳар як шаҳрванди дар ташаккули ҷомеаи сиёсӣ иштироккунанда бояд қарори аксариятро ба инобат бигирад. Ризоияти умумии риояи талаботи ҷомеаи сиёсӣ асоси ташаккули на танҳо ҷомеаи сиёсӣ, балки заминаи ташаккули шаҳрвандӣ низ мебошад. Ба андешаи Локк, ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои як мухторият буда, дар тамоми системаи иҷтимоӣ асосист, зеро дар ҷараёни ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ одамон баъзе унсурҳои ҳуқуқи фитриро нигоҳ медоранд. Озодии табиии одамон асоси давлати шаҳрвандӣ буда, танҳо ризоият ҳамаи одамонро аъзои ҷомеаҳои шаҳрвандӣ месозад.

Локк инчунин муносибати падарро бо фарзандонаш дар мавриди шаҳрвандӣ ва масъулиятшиносӣ инкишоф медиҳад. Агар падар масалан, дар ҷомеаи шаҳрвандӣ шартнома баста бошад, пас чунин давлат ба зиммаи фарзандонаш ягон масъулият намегузорад. Аз ин ҷост, ки мавқеи машҳури либерализм : «Писар барои падар ҷавобгар нест». Аммо кӯдаке, ки дар як ҷомеаи шаҳрвандӣ таваллуд шудааст, то замони муайян эҳтимолан шаҳрванд боқӣ мемонад, вале то замони қабул шудан ва имзо кардани шартномаи иҷтимоии он дар ҳолати табиӣ ва хориҷӣ қарор дорад. Ба ҳамин тариқа, шартномаи ҷамъиятӣ асоси ташаккули ҷамъияти гражданӣ мебошад. Локк ҷомеаи шаҳрвандиро аз дахолати ҳукумат маҳдуд карда, ҳуқуқи шахсро ҳамчун шаҳрванд барои рад кардани шартномаи иҷтимоӣ нигоҳ медорад.

Тибқи фалсафаи лебералии Локк як шакли истибдод ва монархияи мутлақ навъҳои қудратест, ки аз доираи волояти қонун берун рафта, боиси харобии ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад, зеро подшоҳони золим ва мутлақ ба қонун итоат намекунанд ва худашон қозӣ ва даъвогар мебошанд. Дар тирания ва монархияи мутлақ кафолати эҳтироми ҳуқуқҳои фитрӣ вуҷуд надоранд ва худи монарх ҳамчун золим нисбат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳолати ҷанг аст. Аз ин

рӯ, Локк талаб мекунад, ки : **«Барои ҳеҷ як нафар дар ҷомеаи шаҳрвандӣ аз қонунҳои ин ҷомеа истисно карда намешавад»** [15,с.316].

Назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки Локк онро чун унсури зарурии низоми сиёсӣ таҳия мекунад, ҳокимияти давлатиро шакли олитарини қонун мешуморад.

Назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки Локк онро ҳамчун унсури зарурии низоми сиёсӣ таҳия мекунад, робитаи давлатиро меҳисобад, ки шакли он давлати ҳуқуқӣ мебошад. Дар давлати ҳуқуқбунёд муносибатҳои шаҳрвандон бояд дар суд, дар асоси ҳуқуқ ва қонунҳо новобаста аз ҳар гуна расму оинномаҳо холисона баррасӣ карда шаванд.

Дар боби дуюми рисола «Ғояи давлати либералӣ ва консепсияи Ҷ. Локк» ва дар параграфи якуми ин боб «Ғояи давлати ҳуқуқбунёд аз назари Локк» муаллиф идеяи мутафаккири бузурги англис Локкро оид ба давлати ҳуқуқӣ, ки яке аз асосҳои идоракунии давлатиро дар замони муосир ташкил медиҳад, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Локк дар рисолаҳои худ яке аз ғояҳои муҳимро, ки санги асоси либерализми минбаъда мегардад, илова мекунад, ки қудрати давлатӣ ҳамчун як субъекте боқӣ мемонад, ки бояд тағйир дода шавад ва чунин тағйирот пас аз анҷоми он бетарафона сурат мегирад.

Ҷомеа дар системаи иҷтимоии Локк ҳамчун асос боқӣ мемонад ва давлат як субъекти вобаста ба он аст. Дар ҷомеаи граҷданӣ мувофиқи қонун чунин ҳокимияти давлатие ташкил кардан лозим аст, ки ба мақоми ҳуқуқии он мувофиқ бошад.

Тибқи шартномаи иҷтимоӣ ҳукумати Локк бояд тамоми шартҳои шартномаро риоя кунад, зеро он як тарафи ҳатмӣ дар шартнома мебошад. Агар шартҳои шартнома риоя карда нашаванд, халқ ҳақ дорад ин ҳукуматро сарнагун созад, интихоб намояд ва бо ҳукумати нав муносибатҳои нави шартномавӣ дошта бошад. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки Локк умуман нисбат ба давлат афзалият дод.

Бояд тазаккур дод, ки мутафаккири англис Гоббс дар миёнаи асри XVII идеяи имкони тақсим кардани як давлати соҳибихтиёрро қатъиян рад карда буд, зеро ӯ мегуфт, ки «тақсим кардани ҳокимияти давлат маънои несту нобуд кардани онро дорад, зеро ваколатҳои тақсимшуда якдигарро вайрон мекунанд» [3, с. 254].

Мавқеи Локк дар ин бобат нисбатан муосиртар аст.Ӯ идеяи ташаккули тақсимоти қудратҳоро пешниҳод кард, яъне ҳокимият дар давлат ба шохаҳои қонунгузорӣ ва иҷроия тақсим мешаванд. Ба андешаи Локк боз қудрати сеюм, иттифоқ ё федералӣ мавҷуд аст, ки ба он чунин ваколатҳо ба монанди эълон кардани ҷанг ва бастани сулҳ бо давлатҳои хориҷӣ дода шудааст. Дар таълимоти Локк ғояи ҳокимияти судӣ мустақилона вуҷуд надошт, зеро ба ақидаи ӯ иҷрои вазифаҳои судӣ дар салоҳияти ҳокимияти иҷроия буд.

Дар раванди ташаккули давлат дар пояи он шартномаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, ки се нуктаи асосӣ дорад: ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва прагматикӣ.Тавре ки ишора гардид, шартнома ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳар як тараф, маҳдудият ва ҳадди амали онҳоро муайян мекунад. Дар байни шаҳрвандон бояд ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шаҳрвнад ва дар байни давлат ва шаҳрванд чунин тахмин карда мешавад ки ҳокимияти давлат ва ҷамъият маҳдуд аст ва ҷамъият ҳокимияти давлатиро бе сабаби узрнок сарнагун карда наметавонад.

Аз ин рӯ, ибораи машҳури Локк дар бораи давлат чун «нозири шабона» пайдо шудааст. Ба принсипҳои ахлоқӣ бастани шартнома, маънои ихтиёрӣ ва огоҳ намудан аз сар задани нооромиҳо ва ҷанги ҳама бар зидди ҳамаро дорад. Маҳз дар ин ҳолат, Локк тахмин мекунад, ки бе тариқи бастани ихтиёрии шартнома ҳеҷ кас шартҳои онро риоя намекунад.

Принсипҳои прагматикии ташаккули ҳокимияти давлатӣ идеяи шакли аз шаҳрванд ба давлат гузаштани ҳуқукро дар бар мегирад. Локк тарафдори комилан ба давлат гузаштани ҳуқуқҳои граҷданинҳо набуд. Аз ин рӯ, давлати ҳуқуқӣ ин давлати маҳдуд аст, зеро ҳангоми таъсиси давлат шаҳрвандон ҳуқуқҳои дахлнопазир - ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва моликиятро нигоҳ медоранд.

Локк чунон, ки дар гносеологияи худ ҳуқуқҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷаро ҷудо мекунад ва он ҳуқуқҳои дуюмдараҷа мебошанд, ки пурра ба давлат мегузаранд ва ҳуқуқҳои аввалия бошанд, танҳо қисман. Байни граҷданинҳо ба шахси дигар додани ҳуқуқ танҳо дар мавридҳои истисноӣ сурат мегиранд. Масалан, ҳуқуқҳои кӯдак то ба синни балоғат расиданаш.

Дар ин бора Локк менависад: «…ҳеҷ кас наметавонад ба дигаре қудрати бузургтар аз худашро диҳад ва ҳеҷ кас бар худ ё бар каси дигар қудрати мутлақи деспотӣ надорад, ҳуқуқи ба ҷони худ ва ё гирифтани ҷон ё молу мулки дигаре ҷабр карданро надорад» [15, с. 340].

Ба андешаи Локк, инсон вазифадор аст, ки «мустақилона мушкилотро ба ҳаловату дард, фоида ва зиёни худ ҳал намояд». Тибқи ақидаи Локк, ҳар як шахс дар муносибат бо одамони дигар бояд ба виҷдони худ ва дар рафтораш ба ҳуқуқҳои фитрӣ такя намояд. Тавре тазаккур дода шуд, дар консепсияи Локк назарияи сифатҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷа мавҷуд аст ва дар шабеҳи он на танҳо назарияи ҳуқуқҳои фитриро, ки ҳуқуқҳои аввалия мебошанд, таҳия мекунад ва ҳар як шахс ин ҳуқуқҳоро дорад ва ин ҳуқуқҳо аз ҷониби одамони дигар бегона карда намешаванд ё ба шахсони дигар дода намешаванд.

Локк консепсияи давлати ҳуқуқиро инкишоф медиҳад ва аз ин рӯ, назорат дар ин назария нақши калидиро мебозад, зеро шартнома натиҷаест, ки тибқи қонуни табиӣ ба даст омадааст. Аз ин лиҳоз, агар

шартҳои шартнома аз тарафи давлат вайрон карда шаванд, назарияи шӯриши оммавӣ зуҳур мекунад. Зарур аст, ки аксарияти мардум аз давлат норозигии худро баён кунад, зеро асосгузори ҳақиқии ҳокимияти давлатӣ танҳо тамоми халқ аст. Асосноккунии иродаи аксарият дар таълимоти либералии Локк ҷавҳари ифодаи ҳуқуқи мардум аст.

Дар шароити демократӣ иродаи халқ принсипи асосӣ мебошад, вале Локк дар хулосаҳои сиёсӣ ва назариявии худ на ҳамеша мувофиқ аст. Дар таърихи равандҳои сиёсӣ метавон тахмин кард, ки баъзе қонунҳое, ки ба талаботи имрӯзаи иродаи халқ комилан мувофиқанд, аз тарафи аксарияти халқ нофаҳмида мемонанд. Аз муқаррароти Локк бармеояд, ки танҳо аксарияти оқил асосгузори ҳақиқии ҳокимияти сиёсӣ буда, ба ҳокимияти олӣ ҳуқуқ доранд ва дар шароити давлати ҳуқуқбунёд бояд ба назар гирифт, ки издиҳоми стихиявӣ аз рӯи таълимоти либералӣ дар ҷамъият ифодакунандаи ҳуқуқи фитрӣ шуда наметавонад. Дар ҳолати табиӣ ихтиёран муттаҳид шудани аксарият омили зарурии ташаккули ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Ба андешаи Локк давлати ҳуқуқӣ на танҳо созиши байни шаҳрвандоне аст, ки соҳибмулк буда, ба ҳаёт ва озодӣ ҳуқуқ доранд, балки аз ҷониби давлат риояи шартҳои шартномаи байни давлат ва шаҳрвандон басташударо низ пешбинӣ мекунад. Барои Гоббс агар шаҳрвандон дар байни худ шартнома банданд ва минбаъд ба корҳои давлат дахолат накунанд, пас барои Локк амалҳои баъдина таҳти назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор мегирад. Консепсияи сиёсӣ-ҳуқуқии Локк шакли пешрафтатарини либерализми ибтидоӣ мебошад, дар ҳоле ки идеяи давлати ҳуқуқӣ ҳамаҷониба инкишоф меёбад.

Бояд гуфт, ки идеяи давлати ҳуқуқии Локк ба назарияи «ҳуқуқи фитрӣ» ва «шартномаи иҷтимоӣ» бевосита алоқаманд аст ва таърихан ғояҳо ва назарияҳои даврони инқилоби Пуршарафи англисро инъикос менамояд.

Параграфи дуюми боби дуюм ин «Ғояи соҳибихтиёрии халқӣ ва тақсимоти қудрат дар давлати либералӣ» мебошад ва дар он назарияи Локк оид ба тақсимоти ҳокимият баррасӣ мегардад. Ба ин маънӣ, ӯ дар байни олимони дигар ҳамчун нававар баромад мекунад. Локк ҳокимияти давлатиро ба якчанд органҳои нисбатан мустақил тақсим мекунад.

Вай монархияи мутлақро рад карда, қайд мекунад, ки ба ҷои як соҳибихтиёрии ягонаи тақсимнопазир бояд ҷамъияти эгоистҳои оқил давлате ташкил намоянд, ки баъдан шакли «монархияи маҳдуд» - ро мегирад, ки дар он ҳокимияти қонунгузор манфиатҳои тамоми ҷамъиятро ифода намуда, аксарият органи иҷроияи ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд.

Дар рисолаи худ Локк назарияи тақсимоти қудратҳоро таҳия намуда, пешниҳод мекунад, ки пеш аз ҳама, як шохаи қонунгузорро таъсис додан лозим аст, ки ҳокимияти иҷроия ва федералиро назорат мекунад. Органи охирини давлатӣ ба сиёсати берунӣ ва масъалаҳои ҷанг ва сулҳ роҳбарӣ мекунад. Барои Локк ҳокимияти судӣ як қисми ҳокимияти иҷроия аст ва аз ин рӯ, салоҳияти он иҷрои қонунҳои қабулшударо дар заминаи мушкилоте ки дар байни шаҳрвандон ё байни ҳукумат ва шаҳрвандон ба вуҷуд омадаанд, дар бар мегирад.

Шохаи қонунгузор ифодагари манфиатҳои умумӣ ва иродаи ҷамъиятӣ аст, бинобар ин бояд дар парлумон намояндагони тамоми бахшҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳузур дошта бошанд; монарх ва утоқи вазирон функсияҳои иҷроияи давлатро ба иҷро расонанд, федералии иттифоқӣ бояд ба органҳои махсуси ҳокимият тааллуқ дошта бошад. Монарх инчунин ҳуқуқ дорад, ки ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти иттифоқиро муттаҳид намояд. Дар назарияи Локк ҳокимиятҳо баробарҳуқуқ нестанд.

Бояд таъкид кард, ки шохаи қонунгузор ҳокимияти олӣ дорад, гарчанде ки баъзе маҳдудиятҳоро дорост. Маҳдудиятҳоро номбар мекунем: вай ҳуқуқ надорад ба моликияти шахсии граҷданинҳо даст занад; набояд доимӣ нишинад, зеро ин метавонад боиси ғасби ҳокимият гардад ва дар навбати худ ба монарх ё ҳукумат ваколатҳои қонунгузорро надиҳанд, аммо қонунгузор салоҳияти қабули қонунҳоро дорад, вале ба вазифаҳои ҳокимияти иҷроия дахолат намекунад. Он ваколатҳои назорати ҳокимияти иҷроияро дорад.

Бинобар ин, дар назарияи тақсимоти қудратҳо Локк ба шохаи қонунгузор афзалият медиҳад, аммо дар иҷрои вазифаҳои ҳокимияти ҷомеаи шаҳрвандӣ онҳоро муттаҳид кардан мумкин аст. Ҳангоми фаҳмиши маҷмӯи қудрати сиёсӣ Локк чунин ақида дорад, ки қудрати монарх инчунин мақоми таъминкунандаи ягонагии ҳамаи шохаҳои ҳокимият аст.

Тибқи назарияи либералии Локк монарх ҳуқуқ дорад, ки парламентро даъват ва ё пароканда намояд: «Ҳуқуқи даъват намудани парламент дар Англия аз рӯи вақт, макон ва давра бешубҳа дар ихтиёри подшоҳ аст, вале ба шарте, ки он ба манфиати миллат мувофиқи талаби замон ва шароит истифода бурда шавад» [15,с.360]. Монарх инчунин ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, додани қонунҳо, рад кардани қонунҳоро дорад, ки метавонанд ба ҷомеа зарар расонанд.

Барои дуруст дарк кардани консепсияи тақсимоти қудратҳои Локк, ки баъдан дар демократикунонии давлатҳои Аврупо ва ИМА нақши муҳим бозидааст, бояд ба назарияи Локк оид ба ҳолати табиӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ намояд.

Агар дар ҳолати табиӣ ҳар кас манфиатҳои шахсии худро ба роҳбарӣ гирифта бошад ва ҳанӯз дар вазъияти ҷанг ва «нороҳатӣ» ҷалб нашуда бошад, пас ҷомеаи шаҳрвандӣ низ қисман идомаи ҳолати табиӣ аст, вале танҳо бо қонунҳои навишташуда танзим карда мешавад. Ҳар як шаҳрванд соҳиби моликият аст ва дар баробари шаҳрвандони дигар ҳуқуқ дорад. Шаҳрвандон озоданд, аммо дараҷаи озодии ҳамаро қонун муайян менамояд. Аз ин лиҳоз, қонун ва озодӣ барои Локк мафҳумҳои зиддиятнок нестанд.

Гузашта аз ин, барои Локк дар ҷамъияти гражданӣ ҳар як узви он манфиатҳои иқтисодии худро бемамоният ба амал мебарорад. Ғайр аз ин, ҷомеа низ ихтилофи байни шаҳрвандонро бартараф карда наметавонад, маҳз аз он сабаб, ки манфиатҳо ба ҳам мувофиқ намеоянд. Зиддияти ҷомеаи граҷданӣ хусусияти асосии иҷтимоӣ-антропологӣ дорад ва худи ӯ инро хуб медонист.

Фард ҳуқуқҳои муайяне дорад, ки онҳо ба ҳамаи шахсони дар ҳолати табиӣ қарордошта низ дахл доранд. Аммо Локк гумон намекунад, ки дар ҳолати табиӣ маданият, урфу одатҳо ба ҳаёти фард таъсир мерасонанд, зеро вай дар ҳолати табиӣ қарор дорад. Фардияти вай имкон намедиҳад, ки хусусиятҳои иҷтимоии ҳуқуқҳои табиии инсонро равшан нишон диҳад.

Вале маҳз фардияти ӯ асоси ташкили сиёсии ҳокимияти давлатӣ мегардад, зеро танҳо ҳуқуқҳои фитрӣ, шартномаи иҷтимоӣ ва соҳибихтиёрии халқ дар фаҳмидани принсипи тақсимоти ҳокимият омили калидӣ мегардад.

Локк тарафдори он аст, ки ҳокимияти қонунгузор низ нисбат ба ҳаёт ва моликияти шаҳрвандон ҳуқуқҳои комил надоранд. Ӯ асосҳои оқилонаи «мақомоти қонунгузориро нисбат ба ҳаёт ва моликияти халқ» [15,с.340]. истисно мекунад. Аз ин лиҳоз, далели Локк дар мавриди интиқоли салоҳиятҳои ҳокимияти қонунгузор аз ҷониби шаҳрвандон ва ин ақидаи асосиро ҳимоя мекунад, ки ҳеҷ кас бар худ ё бар каси дигар қудрати мутлақ надорад ва ҳақ надорад, ки худ ва ё шахси дигарро аз ҳаёт ва аз моликият маҳрум созад. Ҳолати фитрӣ чунин мешуморад, ки қонуни табиат вуҷуд дорад, ки дар он гуфта мешавад, ки самти асосии фаъолияти инсон нигоҳ доштани на танҳо ҳаёти худ, балки тамоми ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, «қонуни асосии табиат ҳифзи инсоният аст, пас ҳеҷ гуна муҷозоти инсонӣ наметавонад судманд ё эътиборнок бошад, агар он хилофи ин бошад» [15,с.341]. Локк ғояи тақсимоти қудратҳоро инкишоф дода, ҳуқуқи мақомоти қонунгузорро барои иҷрои вазифаҳое медиҳад, ки қонуни асосии ҷомеа ҳифзи ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд ба он вобаста аст.

Аз ин рӯ, дар ҷои аввал интишори қонунҳое меистад, ки бояд қонунҳои табиатро ҳамчун меъёр бигиранд, ё тавре ки худи Локк зикр

менамояд, баъзан ин қонунҳоро илоҳӣ медонад. «Он қонунҳое, ки онҳо барои роҳнамоии аъмоли одамони дигар эҷод мекунанд, бояд мисли аъмоли худи онҳо ва аъмоли одамони дигар ба қонуни табиат, яъне хости Худо мувофиқат намоянд» [15,с.341]. Қонунҳо набояд ҳар дафъа тағйир ёбанд ва ё яктарафа бошанд ё манфиатҳои гурӯҳи муайяни одамонро ҳимоя намоянд. Қонунҳо бояд хусусияти доимӣ дошта бошанд, вагарна тибқи ақидаи Локк қонунҳои зудтағйирёбанда метавонанд ба барпошавии ҳокимияти мутлақи деспотӣ оварда расонад.

Аз ҷониби дигар, агар ягон фармон қабул карда шавад, он набояд таҳрир карда шавад, балки бояд аз тарафи мақомоти қонунгузор тасдиқ карда шавад. Дигар аз вазифаҳои асосии ҳокимияти қонунгузор риояи адолат мебошад…

Дигар аз вазифаҳои асосии қонунгузор ин амалӣ намудани адолати судӣ ва «муайян намудани ҳуқуқҳои субъект тавассути қонунҳои эълоншудаи доимӣ ва судяҳои ваколатдори маълум мебошад» [15,с.341]. Қабули қонунҳо аз ҷониби қонунгузор барои Локк як нуқтаи муҳим дар дастгирии сулҳ ва озодӣ дар ҷомеа аст, зеро қонунҳои доимӣ ва эълоншуда кафолати озодӣ аст. Фаъолияти мақомоти қонунгузор ҳудуди озодиеро, ки дар қонунҳои позитивӣ муқаррар шудаанд, муайян мекунад. Таърифи ҳуқуқ ҳамчун ифодаи мусбати озодӣ, тавре ки дар боло нишон дода шудааст, Локк ба озодӣ мухолифат намекунад, зеро қонун барои пешгирии ихтилофҳои иҷтимоӣ маҳдудиятҳо ва таърифҳоро ба амали ҳуқуқҳои табиӣ мегузорад. Аз ин рӯ, қонун барои Локк дастури шаҳрвандони озод дар ташкили муносибатҳои ҷамиятӣ мебошад [15,с.293]. Локк таъкид мекунад, ки ҳаёт дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ба қонунҳо асос ёбад, ки салоҳияти мақомоти қонунгузор аст. Озодиҳои шаҳрвандӣ маънои пайравӣ ба рафтори худ мувофиқи хоҳишҳои худ дар ҳама ҳолатҳое, ки қонун манъ накардааст ва аз иродаи номуайян, норавшан ва тағйиёбандаи шахси дигар вобаста набуданро дорад [15,с.274-275]. Аз ин лиҳоз, дар оянда озодиҳои шаҳрвандӣ бо формулае ифода карда мешаванд, ки «он чизе ки манъ нашудааст, иҷозат дода мешавад». Барои шаҳрвандони оддӣ он чизеро ки дар қонун пешбинӣ нашудааст, иҷро кардан мумкин аст, зеро вай тибқи қонунҳои табиат ва ҳуқуқҳои табиӣ амал мекунад.

Аммо нисбат ба хизматчиёни давлатӣ қоидаи дигар амал мекунад: «он чизе ки иҷозат дода нашудааст, манъ аст», яъне коре, ки дар қонун пешбинӣ нашудааст, барои ашрофони давлатӣ анҷом додани он манъ аст, зеро он бояд дар доираи қонун амал кунад. Аз ин лиҳоз, дар либерализми Локк қонун ба ҳама баробар дахл дорад, аммо доираи қонун барои шаҳрвандони оддӣ тавассути қонунҳои табиат

танзим карда мешавад (қонунҳои илоҳӣ). Принсипи баробарии шаҳрвандонро дар ҷомеа дар ин ҳолат каме ислоҳ кардан мумкин аст, зеро барои кормандон Локк эътироф мекунад, ки онҳо дар қабули қонунҳо ва амалҳои худ мустақил нестанд, балки бояд қатъиян мувофиқи қонун амал намоянд. «Барои сарватмандон ва камбағалон, барои коргари муваққатии дарбор ва барои деҳқони шудгоркунанда қонуни ягона бояд бошад» [15,с.346].

Қудрати қонунгузор дар низоми сиёсии Локк маҳз аз он сабаб бартарӣ дорад, ки либерализм бар зидди қудрати монархияи мутлақ буд ва ин мавқеъ бештар дар мавриди масъалаи моликияти хусусӣ зоҳир мегардид.Қонун моликияти хусусиро ҳамчун ҳуқуқи табиии гражданинҳо муқаррар мекунад. Агар қонунгузор ҳаҷми андозҳоеро,ки барои нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ ситонида мешавад муайян кунад, бо ин Локк манфиатҳои буржуазия ва ашрофони навро ҳимоя мекунад. Натиҷаҳои мубориэаи буржуазияи асри XVII англис дар рисолаи «Билл оид ба ҳуқуқҳо» инъикос гаштаанд.

Параграфи сеюми боби дуюм ин «Давлати либералӣ ва ҳуқуқи мардум ба шӯриш» аст, ки дар бораи назарияи истиқлолияти мардумӣ ва муқовимат сухан меравад, чун ақидаҳои пешқадами давраи инқилоби англис, ҳангоме ки зери роҳбарии Крамвел инқилоб ва ҳаракати демократӣ шиори мубориза бо зулми муқовимат ва яке аз шиорҳои асосӣ дар ислоҳоти инқилобии ҷомеаи англис маҳсуб мееёфт.

Ҳаракати демократӣ дар Англия манфиатҳои меҳнаткашон ва мазлумонро дар муборизаи онҳо бар зидди монархияи мутлақ инъикос менамуд. Таъсири муборизаи инқилобиён зидди монархияи мутлақ, инчунин дар осори маорифпарварони англис инъикос гаштааст. Махсусан, мубориза бар зидди монархияи мутлақ мавзуи асосии осори Ҷон Локк маҳсуб меёбад. Худи Локк шоҳиди давраи барқароркунии монархияи Стюарт гашт, ҳангоме ки монархияи мутлақ ба манфиатҳои аксарияти мардуми Англия ҷавобгӯ нест.

Назарияи муқовимати мардум зидди монархияи мутлақ яке аз ҷузъҳои асосии доктринаи иҷтимоӣ-сиёсии Локк маҳсуб мееёфт. Тибқи андешаи Локк, муқовимат ба зулм дар баробари ҳуқуқҳои фитрӣ, инчунин ҳуқуқи муҳимтарини шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Бахри Локк ҳуқуқи фитрӣ ин ҳуқуқи муқовимат ба зулм ва беадолатӣ мебошад. Маҳз ҳуқуқ ба муқовимат ба инсон имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои фитриро ба ҳаёт, озодӣ ва моликият ҳифз намояд. Ба суоли оё халқ ба муқовимат, шӯриши зидди истибдод ҳуқуқ дорад, Локк ҷавоби мусбӣ пешниҳод менамояд, чунки ӯ бо таърихи инқилоби англис ва ҳаракатҳои ғоявии Англияи инқилобӣ воқиф буд. Бо дастгирии андешаи муқовимати халқ зидди истибдод, Локк сабабҳои

пайдоиши зиддият, ангезаҳои ба мардум таъсиркунандаро меҷуст. Локк андеша дошт, ки монархияи мутлақ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқат намекунад ва аслан онро вайрон мекунад, чунки золим аз ӯҳдадориҳо даст мекашад, аҳдномаҳоро бо мардум мешиканад, ҳокими номаҳдуди озодӣ, ҳаёт ва моликияти шаҳрвандон гашта, ӯро ба «ғуломи қудрати деспотӣ» табдил дода, «худро ба ҳолати ҷанг бо мардум мегузорад, ки дар натиҷа мардум дар оқибат аз уҳдадории тобеияти минбаъда даст мекашад…» [15,с.391].

Локк ҳамчун яке аз иштирокчиёни фаъоли воқеаҳои сиёсии миёна ва охири асри XVII ширкаткунандагони асосии воқеаҳоро хуб медонист. Махсусан, ӯ сӯиистифода намудани мансабдорон хусусан вазирон ва подшоҳони даврони ислоҳотро барои мисол меовард. Вай андеша дошт, ки подшоҳ Карл II ва Яков II ҳамеша шартномаи байни парламент ва ҳокимияти иҷроияро мешикастанд. Тибқи ақидаи Локк, монарх « ё кӯшиш мекунад, ки қудрат, хазина ва ё вазифаи ҷомеаро барои пора додан ба намояндагон ва дастгирии ғояҳои ӯ истифода барад ва ё ошкоро интихобкунандагонро ба ҷониби худ ҷалб мекунад ва онҳоро роҳнамоӣ месозад, то онҳоеро ки ӯ бо роҳи созиш, зӯрӣ, ваъдаҳо ва ё дигар роҳҳо ба пайравони худ табдил дода буд, интихоб намояд, интихобкунандагонро барои интихоби онҳое, ки қаблан ба овоздиҳӣ ваъда дода буданд ва қонунҳоро бояд нашр мекарданд, истифода мебурданд». Ҳамчунин, Локк илова менамояд, ки зарурати «боз илова кардани мукофот ва ҷазо, ки маҳз бо ин мақсад роҳандозӣ мегарданд, тафсири ҳамаҷонибаи каҷравиро бартараф кардан ва аз байн бурдани онҳое, ки садди роҳи амалигардии ин нишондод гаштанд» [15,с. 391].

Локк инчунин ба масъалаи рафтори инсоне, ки ранҷидааст, ҳуқуқҳояш поймол гаштаанд ва подшоҳро сабабгори ранҷуриҳо ва маҳрумиятҳо медонад, эътибор медиҳад. Дар ин лаҳза, инсон оё метавонад бар зидди подшоҳ кушторро раво бинад?- суол мегузорад Локк. Локк дараҷаҳои гуногуни муборизаро бар зидди зулм асоснок менамояд ва ба чунин дараҷаҳо, ба мисли амали шаҳрванд зидди зулм ва амали ҷомеа бар зидди он диққати махсус медиҳад. Агар шаҳрванди алоҳида бар зидди зулму истибдод фишорро ба кор барад, ва чунин шуморад, ки соҳибмансаби алоҳида ӯро аз озодӣ ва моликият маҳрум сохтааст, он гоҳ шаҳрванд ба қонун ва суд бахри ҳифзи шахсияти худ муроҷиат менамояд. Он гоҳ суд метавонад шаҳрванди зеринро сафед намояд, бегуноҳ ҳисобад. Аммо агар ҳокимияти иҷроия бо сарварии подшоҳ ба бедодгарӣ нисбати халқи худ роҳ диҳанд, он гоҳ халқ ҳуқуқ дорад, бар зидди тамоми низом муборизa барад. Он гоҳ халқ худро маҳдуди шартнома ва маҳбуси байни ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ надониста, ҳокимияти нав ва шартномаи навро таъсис медиҳад.

Локк далелҳои душманони худро пешбинӣ намуда, илова менамояд, ки шӯриши зидди ҳокимият ҳуқуқи ӯст, аммо ин амр маънои онро надорад, ки бо камтарин баҳона зидди ҳукумат баромад намояд. Ҳуқуқҳои халқ ба муқовимат ва шӯриш агар дар ҳақиқат истиқлолияти ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос намояд, пас барои шӯриши зидди ҳокимият зарур аст, то ин ки тамоми низоми ҳокимият ришвахӯр бошад ва аз иҷрои ӯҳдадориҳо саркашӣ намояд. Агар ҷабру зулми ҳокимият нисбати миқдори ками мардум амалӣ гардад, пас он ҳоло сабаби шӯриш шуда наметавонад, чунки дар ҳокимияти давлатӣ тақсимоти қудратӣ ҷой дорад ва ҳокимияти парламентӣ ҳама гуна амалҳоро назорат менамояд, ки сабабгори ба амал омадани корбурди ҷабру зулм нисбати гуруҳи алоҳидаи одамон гаштааст.

Аз ин рӯ, Локк қонунвайронкуниро нисбати гуруҳи алоҳидаи одамон ва нисбати тамоми мардум ҷудо мекунад. Ҳамон лаҳзае, ки ҷабру зулм ва қонунвайронкунӣ ошкоро ва ҳамаро фарогир мегардад, дар ин маврид халқ ҳуқуқ дорад ҳокимиятро сарнагун созад. «Агар ҳамеша бо халқ муносибати бад намоянд, ҳуқуқҳои ӯро поймол созанд, он гоҳ ҳалқ баҳонаи аввалинро баҳри озод гаштан аз бори гарони фишор истифода менамояд» [15,с.392] ва барои ин ҳолат сабаби хурдтарин метавонад ба оқибати бад оварда расонад.

Дар хусуси қонунвайронкунӣ, ки манфиатҳои аксариятро инъикос менамояд, Локк дар рисолаи хеш оид ба давраи таърихии он мисолҳои зиёде меорад, ки худи ӯ иштирокчии бевоситаи он лаҳзаҳо будааст. Тавре ки Локк мисол меорад, подшоҳ аз афзалиятҳои худ баҳри истиқрор бахшидани қудрати шахсии худ, баробари дастгирии мазҳаби католикӣ ва таъқиби калисои англиканӣ ҳангоми ислоҳот сӯиистифода намудааст. Подшоҳ санаде бо номи «Изҳорот оид ба мазҳабпазирӣ» қабул намудааст, ки дигар қонунҳои ҷомеаро, ки қонуни савганд аз ҷониби парламент қабул гаштааст, вайрон мекунад.

Локк инчунин подшоҳро дар ришвахорӣ айбдор карда, ба сифати далел ришвахории намояндагони парламентро меорад, вазирон бошанд ба вазифа дар асоси садоқати худ ба подшоҳ соҳиб мешаванд. Исён, инқилоб, шӯриш ба андешаи Локк, ин вазъияти сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ҳокимон ҳамеша ва доиман шартномаи иҷтимоиро вайрон мекунанд, аммо «хатогиҳои маҳз аз ҷониби ҳокимият, қонунҳои зиёди нодурусту ноқулай ва заифиҳои инсониро халқ бе ягон исёну ғавғо аз сар мегузаронанд»[15,с.391].

Дар боби сеюми «Ақидаҳои Локк дар бораи давлат ва таъсири он ба афкори ичтимоию сиёсӣ» асосан таъсири акидахои ичтимоию сиёсии Локк ба системахои минбаъдаи фалсафӣ, сиёсӣ ва хукукӣ тахлил карда мешавад.

Дар параграфи якуми боби сеюм «Консепсияхои давлати либералии Локк ва афкори сиёсии Америка дар асрхои XVII-XVIII»

оварда шудааст, ки ғояи Локк оид ба ҳуқуқ ва давлат изҳори комили тарафҳои қавӣ ва заифи идеологияи инқилоби буржуазии асри XVII гардид.

Ҳамаи ин дастовардҳо дар осори Локк бо назардошти таҷрибаи таърихӣ аз инқилоби англисӣ гирифта шуда, такмил ёфтаву амиқ гардидааст. Ҳамин тариқа, барои ҷавоб додан ба саволҳои муҳими амалӣ ва назариявии ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии асри баъдинаи XVIII-и давраи маърифат ва инкилоби бузургтарини буржуазии фаронсавӣ ва амрикоӣ муфид гардиданд. Дар раванди ин инқилобҳо ҳуҷҷатҳои муҳим пайдо шуданд, ки таърихи ҳуқуқҳои инсонро аз нав равшан намуданд.

Мувофиқат ва наздикии ғояҳо ва андешаҳои Локк ва асосгузорони ИМА кайҳо зуҳур намуда, аммо дар соли 1955 Луис Харс дар ин бора дар шакли шадид навиштааст. Харс навиштааст, ки сухан дар хусуси шахсан асосгузорон намеравад. Гап дар сари он аст, ки худи Амрико ин «ҷомеаест, ки аз Локк шуруъ шуда, ислоҳ ёфта, ба сабаби замимаи бечунучаро ва беақлона бо Локк мемонад». Ин «ҷамъиятест бе решаҳои феодалӣ» [31,с.15]. Пайравони содиқи Локк асосгузорони ИМА буданд: эъломияи истиқлолият ҳамаи мардумро баробар ва озод эълон кард, конститутсияи ИМА ғуломдориро сарфи назар карданд, вазъи ҳуқуқии ғуломони сиёҳпӯстро қонунгузории штатҳои ҷанубӣ танзим мекард.

Бармегардем ба ақидаронии Ю.М.Сморгунова. Ақидаҳои либералии файласуф дар Конститутсияи ИМА чӣ гуна инъикос ёфтаанд? Муаллиф принсипҳои асосиро қайд менамояд: баробарӣ, озодӣ, истиқлолият ва адолат. Баробарӣ дар тасаввуроти муаллиф ин баробарии сиёсӣ ва баробарии имкониятҳост, истиқлолият тибқи акидаи асосгузорон-ин на танҳо майлу хохиши ҳар кас чизе ки хоҳад, онро кунад, инчунин ғояи муваффақ шудан дар давлат аст [26,с.243-258].

Одамон бошуурона ба як чиз як хел муносибат мекунанд ва ба чизҳои гуногун ба таври дигар муносибат мекунанд ва принсипи адолат дар ин асос сохта шудааст. Дар бораи озодӣ сухан ронда, Локк ба ҳуқуқҳои фитрӣ ишора менамояд, ки аз рӯи он одамон табиатан аз рӯзи таваллуд озоданд. Яке аз асосгузорони ИМА, ки пайрави Локк буд ва президенти чоруми ИМА гардид, Ҷеймс Мэдисон буд, ки озодии ҳамаи одамонро тарафдорӣ мекард, аммо азбаски инсонҳо нокомиланд, пас бар сари онҳо бояд ҳукмроне бошад, мегуфт ӯ. Аз ин лиҳоз, В.Ю.Смаргунова хулоса менамояд: «Истиқлолият-озодӣ тибқи андешаи падарон - асосгузорон на танҳо қобилияти иҷрои он чӣ ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад бикунад, балки пеш аз хама ғояи дараҷаи муайяни дастовардҳо ё қаноатмандии шаҳрванд, ки байни дигар шаҳрвандон дар ҷомеаи мушаххас умр ба сар мебарад, мебошад» [26,с.245].

Бо такя бар принсипи Локк оид ба озодӣ, Мэдисон қайд мекунад, ки ҷабру зулм душмани ашадии инсоният аст. Ҳамин тариқа, андешаҳои Локк ба мураттаб сохтани Конститусияи ИМА бетаъсир намонд. Инчунин андешаҳои ӯ ба рушди консепсияи ҳуқуқҳои инсон таъсири амиқ гузошт.

Муаллифи дигар Е.В.Киричёк дар мақолаи худ таҳти унвони «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» менависад, ки Локк яке аз аввалин мутафаккироне буд, ки дар асри XVII оид ба ҳуқуқҳои инсон дар рисолаҳои хеш «Оид ба ҳокимияти шаҳрвандӣ», «Ду рисола дар бораи идоракунӣ» андешронӣ намуда, қайд менамояд, ки ҳамаи одамон аз рӯзи таваллуд ба ҳаёт, ба моликият ва ба озодӣ ҳуқуқ доранд. Муаммои ҳуқуқи исон ба шарофати Локк дар рисолаҳои ӯ чун масъалаҳои асосӣ ва муҳим баррасӣ гаштаанд. Локк ва пайравони ӯ волоияти ҳуқукро дар муносиботи байнишахсӣ ва давлатӣ таъкид намуда, ғояи шартномаи ҷамъиятиро ҳамчун «асоси пайдоиш ва қонунии фаъолияти институтҳои ҳокимият тасдиқ намуданд» [34,с.13-22].

Ҳамин тариқа, тибқи консепсияи ҳуқуқи фитрӣ чӣ хеле ки дар боло қайд карда шуда буд, ҳуқуқҳои инсон аз табиати инсон бармеоянд. Яъне онҳо аз ҷониби ҳокимон ҳадя нашуда, балки ҳадяи табиатанд ва ин принсипҳои назарияи Ҷ.Локк инъикоси худро дар Декларатсияи ҳуқуқҳои инсон ёфтааст.

Ҷон Данн андешаи Локкро оид ба ҳуқуқи мардум ба шӯриши зидди истибдод таҳлил намуда, агар дар ҳолате ки соҳибихтиёр ваколатҳои хешро сӯиистифода намояд, суханони худи Локк оварда мешаванд, ки «гарчанде ки мардум наметавонад судя бошад, тибқи Конститутсияи ин ҷомеа кудрати олӣ барои муайян ва қабули хукми муассирро дорад, дар ин сурат вай мувофиқи қонуне ки аз ҳама қонунҳои мусбати одамон пештар ва болотар аст, нигоҳ медорад, ки тасмими ниҳоие, ки тамоми инсоният дар он ҳолатҳое ки дорад, дар рӯи замин ба касе муроҷиат карда наметавонад, ҳақ дорад доварӣ кунад, ки оё ӯ барои ба осмон муроҷиат кардан сабаби кофӣ дорад?» [34,с.46].

Ғояи мазкури мутафаккир дар конститутсияи ИМА дар ҳуқуқи аз вазифа озод кардан ва ба президент ва ноиби президент барои ҷиноят ва ҳуқуқвайрокуниҳои муайян ба ҷавобгарӣ кашидани оньо инъикос ёфтааст [43]. Аммо вазъияти мазкур дар Конститутсия аз ақидаи Локк бо он фарқ мекунад, ки соҳибихтиёрро на мардум сарнагун мекунад, балки парламент.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои мутафаккир аз асари «Ду рисола дар бораи ҳукумат» ба принсипи тақсими қудрат ва системаи назорат ва мувозинат, ки гарчанде ислоҳ шуда бошад ҳам, барои падарони асосгузор ва дигар файласуфони сиёсӣ чун идеяи муҳим хизмат

мекард. Принсипҳои тақсими қудратҳо дар моддаҳои якум, дуюм ва сеюми Конститутсия инъикос ёфтаанд. Дар кори А.Сорбале қайд мегардад, ки Конститутсияи ИМА ғайр аз касби анъанавии худ-таъмини моҳият, риояи қонунҳо ва иҷозати зӯроварии қонунӣ аз ҷониби мақомот барои ҳуқуқвайронкунии онҳо дар минтақаи ҳамаи штатҳо ё «давлатҳо» боз як хусусияти махсуси худро дорад. Аслан, ин ҳуҷҷат то ба ҳол фаъолияти институтҳои амрикоиро таъмин менамояд, ки аз ҷониби мутафаккирони Олами куҳан дар давраи асрҳои XVII-XVIII созмон дода шуда буд.

Муаллифи декларатсия Томас Ҷефферсон менависад, ки «Он чизе, ки аз назарияҳои Локк ва Сидни - сиёсатмадор ва нависандаи британӣ ба принсипҳои озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон тааллуқ доранд, умуман аз ҷониби шаҳрвадони неки мо эътирофшуда ҳисобида мешаванд». Ҷефферсон пеш аз ҳама таъсири Локкро ба инқилобиён-бародарон зиннат додааст. Эътирофи корҳои сиёсии Локк аз ҷониби мутафаккирон бо он далел исбот мегарданд, ки мухолифони подшоҳ Ҷефферсон низ онро эътироф мекарданд.

«Таҷрибаи фаҳмиши инсонӣ» боз ҳам бештар тавсиф карда шуд.

Мутафаккирони пешқадами асри XVIII, хусусан Фаронса рисолаи Локкро, ки дар соли 1687 нашр гардида буд, фалсафаи аналогии «Оғоз»-и Нютон номиданд.

Нютон ва Локкро аксар вақт паёмбарон-дугоникҳои асри Маорифпарварӣ меномиданд, ки китоби асосии он ба мисли Библия «Энсиклопедия»-и фаронсавӣ (1751-1772) буд. Ҷан Д'Аламбер, яке аз муҳаррирони «Энсиклопедия» эътиқодоти замонаи худро инъикос намуда, эълон кард, ки «низоми аслии ҷаҳон эътироф шуд, баррасӣ гардид ва такмил ёфт». Зери мафҳуми «низоми аслӣ» физикаи Нютон ва фалсафаи Локк, хусусан тавсифи кори ақлу шуур аз ҷониби Локк дар назар дошта шуда буд.

Локк ба фалсафаи сиёсӣ, асосан ба либерализми муосир таъсири амиқ гузошт. Далелҳои ӯ оид ба озодӣ ва шартномаи иҷтимоӣ минбаъд ба корҳои хаттии Александр Гамилтон, Томас Ҷефферсон, Ҷеймс Медисон ва дигар падарон – асосгузорони ИМА таъсир расонидааст. Як порча аз рисолаи дуюми Декларатсияи истиқлолият - иқтибос аз «силсилаи тӯлонии сӯиистифода». Локк ҳамин гуна таъсире расонид, ки Томас Ҷеферсон навишт:

«Бэкон, Локк ва Нютон… Ман ин се нафарро бузургтарин инсонҳо мешуморам, ки замоне умр ба сар бурдаанд, бидуни истисно зиндагӣ мекарданд ва аз он зербиное, ки дар илмҳои физикӣ ва ахлоқӣ ба вуҷуд омаданд, асос гузоштаанд» [42].

Дар Декларатсияи истиқлолият Ҷефферсон сегонаи машҳури ҳуқуқҳои фитрии файласуфи англисӣ Локк «ҳаёт, озодӣ ва моликият»-

ро тағйир дода, калимаи охирини онро ба «ҷустуҷӯи саодат» иваз намуд.

Дар параграфи дуюми боби сеюм «Таъсири консепсияи либералии Ч.Локк дар бораи давлат ба замони муосир» таълимоти сиёсии Локк ва таъсири он ба афкори фалсафӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии асри XX ва ибтидои асри XXI баррасӣ мешавад.

Мавчудияти афкори фалсафии мутафаккир баробари ба моликияти чомеа табдил ёфтани он хаёти мустакили худро пайдо карда, комилан ба вазъи ичтимоию сиёсии хар давру замон вобаста аст. Бисьёр идеяхои у на танхо дар назарияхои ичтимоию сиёсии пайравон ва мухолифони у, балки дар мухимтарин хуччатхое, ки ёдгории кувваи тафаккури инсонӣ гардиданд, инъикос ёфтаанд. Ин ба Конститутсияҳои давлат дахл дорад, ки сохтмони давлати соҳибистиқлолро ҳадафи худ қарор додаанд. Аммо бояд гуфт, ки акидахои Локк дар тули кариб се аср на танхо объекти тадкикот, балки мавзуи бахсу мунозирахои тезу тунди файласуфон, сиёсатшиносон ва хукукшиносони муосир низ гаштаанд.

Аз ҳама мувофиқ идеяи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва волоияти қонун аст. Пеш аз хама бояд гуфт, ки барои Локк чомеаи шахрвандӣ чомеаи сиёсист. Масалан, Локк менависад: «... вакте ки хар як шумораи одамон дар як чамъият чунон муттахид мешаванд, ки хар яки онхо аз хокимияти ичроияе, ки конуни табиат ба вай хос аст, даст кашида, онро ба ихтиёри чамъият месупорад, дар он сурат ва танхо дар он сурат чамъияти сиёсӣ ё граҷданӣ ба вучуд меояд». [15,с.312]. Дар ин ҷо Локк ба таври ошкоро менависад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи сиёсӣ аст, ки ихтиёран ҳокимияти иҷроияи худро ба ҷомеа месупорад.

«Мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалияи бунёди он маҳсули гуфтугӯи либералии демократӣ аст...» [36,с.152] ва фаҳмиши ин ҷомеа пешбинӣ мекунад, ки тамоми шаҳрвандон, ки якҷоя ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд, дар соҳаи сиёсат фаъолона иштирок намуда, дар раванди ташаккули давлати ҳуқуқбунёд иштирок мекунанд.

Аммо, на ҳама чиз он қадар оддӣ аст, ки ба назар мерасад. Баъдтар, аллакай дар нимаи дуюми асри XX, масалан, Г.Алмонд ва С.Верба [1] барин муҳаққиқон пас аз гузаронидани тадқиқоти саҳроӣ ба хулосае омаданд, ки танҳо як қисми шаҳрвандон иштирокчиёни фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ бо фарҳанги баланди сиёсию ҳуқуқӣ мебошанд. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки маҳз ҳамин қисми шаҳрвандон, ки ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд, дар идоракунии ҳокимияти давлатӣ фаъолона иштирок намуда, ба фаъолияти мақомоти давлатӣ таъсир мерасонанд. Чанд фоизи шаҳрвандон иштирокчиёни фаъоли ҳаёти сиёсии ҷомеа буданашон бештар ба заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии ҷомеаи

мазкур вобаста аст. Аз ин рӯ, дар баъзе кишварҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ васеътар аст, дар ҳоле ки дар баъзе давлатҳои ҷаҳони муосир ин ҷомеа хеле маҳдуд аст.

Баҳси ҷомеаи шаҳрвандӣ дар байни олимони ҷаҳони Ғарб ва кишварҳои пасошӯравӣ мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» маънои як соҳаи ғайрисиёсии муносибатҳои байни шаҳрвандонро пайдо кардааст. Аьамияти мафьуми жомеаи шаьрвандц барои бунёди жомеа ва давлати демократиро бисёриьо эътироф мекунанд. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон махсус таъкид мекунад, ки «ҷомеаи шаҳрвандии воқеӣ пояи устувори демократия мебошад» [24,с.349].

Тавре зикр гардид, Локк ҷомеаи шаҳрвандиро сиёсӣ мешуморад, ва он қисми аз ҷиҳати сиёсӣ фаъоли шаҳрвандон, ки дар ташаккули давлат иштирок мекунанд, давлати демократӣ ва ҳуқуқиро ташкил карда метавонад.

Аксари олимон бар он ақидаанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ як соҳаи муносибатҳои ғайрисиёсии байни шаҳрвандон мебошад. Масалан, Д.М. Муллоев, ки мафхуми чомеаи шахрвандиро тахлил намуда, таъкид мекунад, ки барои В.С. Нерсесянц «...чамъияти грачданӣ чамъияти сиёсии (шакли муносибатхои) шахсони алохида нест» [39,с.18].

Олими точик Рахмонов низ бо ин мавкеи назариявӣ розӣ аст. Тибқи таърифи ӯ, «Ҷомеаи шаҳрвандӣ як навъ фазои иҷтимоӣ аст, ки дар он одамон ҳамчун шахсиятҳои новобаста аз якдигар ва давлат бо ҳам робита доранд» [40, с.12]. Ин таъриф ба таври возеь таъкид мекунад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ як соьаи муносибатҳои ғайрисиёсии байни шахсон, яъне фазои иҷтимоӣ буда, доираи муносибатҳоеро фаро мегирад, ки институтҳои ижтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ доранд.

Вақте ки Локк пешниҳод мекунад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи сиёсӣ аст ва вазифаи он ташаккули давлат аст, пас барои бисёре аз олимони ғарбӣ ва пасошӯравӣ, аз ҷумла олимони тоҷик, ҷомеаи шаҳрвандӣ як соҳаи муносибатҳои иҷтимоии ҷудо аз давлат мемонад. Чунин ҷомеаи иҷтимоӣ, ки онро бисёриҳо ҳамчун ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул мекунанд, ҳамеша вуҷуд дорад, зеро дар ҷое, ки ҷомеа вуҷуд дорад, муносибатҳои иҷтимоӣ вуҷуд доранд, яъне нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ байни аъзоёни ҷомеа вуҷуд дорад.

Агар олимони ғарбӣ бештар ба демократикунонии ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд, пас олимони давраи пасошӯравӣ ба раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти калон медиҳанд. Тавре зикр гардид, барои Локк ҷомеаи шаҳрвандии қавӣ аз давлати қавӣ бартарӣ дорад ва дар ҳамин ҷо аз Гоббс фарқ мекунад. Аммо ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро бархе аз олимон ҳамчун раванди амали давлат муаррифӣ мекунанд. Масалан, Ш.Д.Қурбонов таъкид

мекунад, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд буда, ташаккули он дар заминаи ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат гирифтааст» [12,с.267].

У чунин хулоса мебарорад: «Дар республика чамъияти гражданӣ бештар бо ташаббуси давлат инкишоф меёбад, на чамъият» [12,с.268]. Ин вазъият гувоҳӣ медиҳад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ то ҳол аз тарафи давлат ташаккул меёбад. Дар ин маврид давлати ҳуқуқбунёд низ ташаккул меёбад ва баъзеҳо қайд мекунанд, ки раванди ташаккул давраи хеле тӯлонӣ дошта, якчанд марҳиларо аз сар мегузаронад.

Марҳилаи қобили мулоҳиза ин хоҳиши худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди давлати ҳуқуқбунёд дар кишвар мебошад, ки ин яке аз ғояҳои асосии либерализм аст, ки ба таълимоти Локк асос ёфтааст. Махз акидахои либералии Локк барои концепцияи давлати хукукбунёд асос гузошта метавонистанд.

Даҳсолаи охири асри XX давраи ташаккули давлатҳои нави мустақил буд ва либерализми сиёсӣ барои бисёр давлатҳо хеле ҷолиб буд. Қисмати фаъоли сиёсии аҳолӣ дар раванди ташаккули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ғояи либерализм пайравӣ мекард, ки таъсири таълимоти сиёсии Локкро ба олимон ва сиёсатмадорони тоҷик метавон қайд кард.

Х.С. Сафарализода қайд мекунад, ки «мафкураи Ҷумҳурии Тоҷикистон "миллӣ - либералӣ" аст. Зеро тамоми аломатҳои идеологияи либерализм дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат сабт шудаанд» [41,с.333]. Бояд тазаккур дод, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар раъйпурсии соли 1994 бо роҳи овоздиҳии умумӣ қабул шудааст, дар моддаи аввал аллакай зикр шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад [11,с.3].

Дар рохи ташаккули давлати хукукбунёд, чунон ки Д.М. Муллоев таъкид мекунад, «анъанахои чандинасраи деспотизми Шаркро низ бартараф кардан лозим аст» [39,с.3]. Албатта, мардуме, ки давлати ҳуқуқбунёд хоҳанд сохт, тибқи зарурати таърихӣ амал хоҳанд кард, аммо унсурҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд як дастуру ҳадафи воқеӣ, меъёри ташаккули давлате боқӣ мемонад, ки ба идеалҳои адолатпарварӣ ҷавобгӯ бошад.

Идеяи ҷомеа ва давлати одил, ҳокими одил ҳамеша мавриди омӯзиш ва таҳлили бисёре аз мутафаккирони тоҷик буд. «Шоҳнома»-и Фидавсӣ, «Ҳикмати Искандар»-и Ҷомӣ, ки дар он идеали ҳокими одил ва ҷомеаи одил васф шудааст, барои мисол кофист. Аммо татбиқи амалии идеали давлати одил маҳз дар даврони Истиқлолият аҳамияти хоса пайдо мекунад. Маҳз давлати одилонаи ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст,

ҳадафи воқеан мувофиқ аст, зеро маҳз чунин давлат талаботи шаҳрвандони Тоҷикистонро қонеъ мегардонад.

Бори аввал дар таърихи Точикистон худи халк бо овоздихии умумихалк идеали давлати хукукбунёдро хамчун максад кабул мекунад, ки шаьрвандони аз чихати сиёсӣ фаъоли бошуурона масъалаи барпо намудани давлати одилонаи хукукбунёдро ба миён гузоштанд. Ҳангоми бунёди давлати ҳуқуқбунёд маҳз соҳибихтиёрии халқ таҷассуми пурраи худро меёбад, зеро халқ эътироф гардида, тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии  Тоҷикистон сарчашмаи ҳокимияти сиёсӣ дар кишвар мебошанд ва давлат ин соҳибихтиёриро таъмин менамояд.

Олимон дар раванди бунёди давлати ҳуқуқӣ на танҳо ба таҷрибаи Аврупо ва Амрико таваҷҷӯҳ зоҳир кардан, балки хусусияти кишвар ва мардуми худро ба назар гирифтанро пешниҳод мекунанд. Аз ин рӯ, синтези таҷрибаи аврупоӣ ва амрикоӣ дар сарзамини тоҷикон метавонад душвориҳои худро ба вуҷуд орад ва олимон чунин мушкилотро қайд мекунанд.

Якум ин хусусиятхои амалияи сиёсии советии сохтмони давлатӣ мебошад. Дуюм, «анъанахои чандинасраи деспотизми Шарқ» душворихои иловагӣ ба вучуд меоварад. Нуктаи сеюм, ки рафъи он мушкилтар хоҳад буд, ба набудани фарҳанги баланди сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа дахл дорад, ки дар тӯли таърихи тӯлонии худ дар амалияи воқеӣ таҷрибаи бунёди давлати ҳуқуқбунёдро надошт. Аз ин рӯ, бо вуҷуди чунин мушкилот метавон гуфт, ки мардуми Тоҷикистон барои ташаккули ҷомеаи нави одилонаи сиёсӣ – давлати ҳуқуқбунёд саъй доранд ва таҷрибаи давлатҳои дигарро ба инобат мегиранд. Ҳар як миллат аз миллати дигар ибрат гирифта, беҳтарин хислатҳоро ба хоки худ интиқол медиҳад.

Хусусиятҳои давлати ҳуқуқбунёдро бисёре аз олимон, файласуфон, сиёсатшиносон ва ҳуқуқшиносон қайд кардаанд. Онҳоро ба чунин принсипҳо ифода кардан мумкин аст, чи хеле, ки Ф.Т.Тоҳиров зикр кардааст ва Д.М.Муллоев дар асари илмии худ ба таври махсус онро қайд кардааст: «волоияти қонун, тақсимоти ваколатҳо, пайвастани давлат ва шахс бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мутақобила, давлат ҳамчун кафили татбиқи воқеии ҳуқуқҳои шаҳрвандон, маданияти баланди ҳуқуқӣ» [39,с.10-11]. Аммо бояд гуфт, ки давлати хукукбунёдро бе чомеаи шахрвандии тараккикарда тасаввур кардан мумкин нест, зеро чомеаи шахрвандӣ пояи давлати хукукбунёд мебошад.

Дар раванди бунёди давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон чунин хусусияти муносибатҳои се шохаи ҳокимият мушоҳида мешавад, ки ҳокимияти қонунгузор бо ҳокимияти иҷроия рақобат карда наметавонад. Ҳамин тариқ, Д.М. Маллаев қайд мекунад: «Ҳарчанд

Парлумон ба таври доимӣ фаъол ва касбӣ шудааст, вале бо вуҷуди ин, наметавонад дар низоми назорат ва таносуб бо ҳокимияти иҷроия рақобат кунад» [39,с.10-11]. Махз парламенти касбй ният дорад бо хукумат ракобат накунад, балки назорату тафтиш, назорати ичрои конуну карорхои парламентро дошта бошад. Танҳо дар ин сурат парламент метавонад вазифаи асосии худ – ифодакунандаи соҳибихтиёрии ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад.

Ҳангоми омӯзиши ғояҳои парламентаризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон А.З. Иномзода ва А.Шехмамадова ба чунин хулоса меоянд: «Принсипи таксимоти хокимияти давлати парламентро водор мекунад, ки барои ишголи мақом дар идораи давлат дар сурати мавчуд будани ракиби сиёсӣ дар симои макомоти ичроия ва суди мубориза барад» [9,с.84]. Бо вуҷуди ин хулоса бояд эътироф кард, ки муаллифон ҳанӯз ҷам ҳисоб мекунанд, ки парламент чунин вазифаҳоро ба мисли назорат, тасдиқи қарорҳои ҳукумат, назорат аз болои мақомоти дигар дар доираи Конститутсия иҷро мекунанд [9,с.84].

Ҷанбаи дигари муҳими принсипи волоияти қонун фарҳанги баланди ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Барои баланд шудани маданияти хукукии шахрвандон зарур аст, ки хамаи шахрвандон дар хаёти сиёсии чамъият фаъолона иштирок намоянд. Принсипи демократия дар назар дорад, ки ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи овоздиҳӣ дорад ва давлат бояд овози ӯро бишнавад.

Бо дарназардошти тамоюлоти муосир ва таҳаввулоти радикализм дар сатҳи байналмилалӣ, принсипҳои волоияти қонун дар роҳи паҳншавии шаклҳои гуногуни радикализм ва ифротгароии динӣ монеаи ҷиддӣ шуда метавонанд. Аз ин рӯ, таълимоти либералии иҷтимоию сиёсии Локк дар эҷоди монеаҳо дар роҳи густариши радикализм ва ифротгароии динӣ ҳамфикри беҳтарини давлати дунявӣ, ҳуқуқӣ ва демократии Тоҷикистон мебошад.

## Хулоса

**Натиҷаҳои асосии илмии кори таҳқиқотӣ**. Ҷон Локк яке аз асосгузорони эмпиризм ва намояндаи бузурги аввалин мутафаккирони аврупоӣ буд, ки пай дар пай андешаҳои сиёсӣ ва принсипҳои фалсафаи либералии сиёсиро изҳор намуд.

Рисолаҳои асосии Локк «Таҷриба оид ба фаҳмиши инсонӣ», «Рисолаҳо оид ба идоракунӣ», «Мактубҳо оид ба таҳаммулпазирии динӣ»-ро ёдгории афкори фалсафӣ номидан мумкин аст, ки дар заминаи он шумораи зиёди насли сиёсатмадорон аз кишварҳои гуногун, на танҳо Англия, балки ИМА, Фаронса, Германия ва Россия тарбия ёфтаанд.

Тибқи андешаи Локк, таҷриба асоси гирифтани дониш аст ва дар рисолаи худ ӯ ин масъаларо баррасӣ кардааст. Ӯ мутафаккири

сиёсӣ мегардад, ки барои дарки ҷаҳони сиёсӣ чорчубаҳои навро асоснок менамояд. Локк ба идеология нави сиёсӣ асос гузошт, ки дар заминаи он сиёсатмадорони минбаъда онро ташаккул доданд, ислоҳ намуданд ва назарияи ӯро амалӣ намуданд, тавассути ин мавқеъ ҳам ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҳам қонунҳои табиӣ (илоҳӣ), озодии андеша ва зарурати нигоҳ доштани ҳар гуна анъанаву урфу одат ба миён омаданд.

Ӯ пай дар пай принсипи истиқлолияти миллӣ ва назарияи шартномаи пайдоиши давлатро инкишоф додааст.[5-А] Локк дар назарияи сиёсӣ саҳми бузург гузоштааст ҳамон вақте, ки муфассал принсипи тақсимоти қудрат ва волоияти ҳокимияти қонунгузорро назар ба дигар шохаҳои ҳокимият инкишоф додааст. Локк муждадиҳандаи муыаддасияти моликияти хусусӣ буда, онро бо озодӣ алоқаманд менамояд.

Локкро метавон на танҳо банизомдарорандаи андешаҳои сиёсии пешгузаштагони худ номид, балки муассиси система ва назарияи томи сиёсӣ, ки мавқеи системаи сиёсии мазкурро инъикос намудааст, низ ҳисобидан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, агар баррасии назарияи классикии либерализм зарурат дошта бошад, пас ба ғояҳои Локк, ки имрӯз ҳам пайравони худ, мунаққидони худ, рақибони худро доранд, диққати хешро равона сохтан лозим аст.

Мавқеи асосии Локк дар байни мутафаккирони бузурги сиёсӣ ва дар таърихи андешаи сиёсӣ бо инқилоби пуршарафи Англия мувофик меояд, ки андешаҳои асосии ӯ дар рисолаҳои сиёсӣ инъикос ёфтаанд.

Назарияи Локк оид ба давлат ва ҳуқуқ инъикоси ақидаи ибтидоии инқилоби буржуазии Аврупо, хусусан англис маҳсуб меёбад. Локк ба андешаҳои сиёсӣ ва назарияҳои ҳуқуқии андешаи илмии асри XVII такя менамуд. Ӯ бо такя бар назарияи гносеологии эмпиризм аз нав коркард намуд, баъзе ҷойҳоро ислоҳ намуд, аммо аз ҳама муҳим ӯ системаи мураттаби андешаҳои сиёсиро рушд бахшид.

Андешаҳои Локк дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ, таҷрибаи сиёсии асрҳои баъдина-давраи Маорифпарварӣ ва ду инқилоби бузург дар Фаронса ва Амрико саҳми босазо дорад. Дар фалсафаи сиёсии либерализми Локк ҷаҳонбинии пурраи Замони Нав инъикос ёфтаанд. Махсусан таъсири Локк ба мутафаккирони франсавӣ (Монтеске, Волтер, Руссо ва диг.) ва идеологҳои инқилоби амрикоӣ (Ҷефферсон, Мэдисон, Франклин ва диг.) назаррас аст.

Дар раванди таъсиси Конститутсияи Амрико мақоми асосиро назарияи ҳуқуқҳои фитрии инсон, ки аз ҷониби Ҷефферсон, Мэдисон ва Пейн истифода гардида буд, ишғол менамояд.

Ақидаи Локк чун асос ба Декларатсияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ки соли 1789 эълон гардида буд, ворид шуд.

Бояд тазаккур дод, ки андешаҳои Локк дар амал аз ҷониби мутафаккирон ва сиёсатмадорони пешқадами Аврупо ва ИМА дар

раванди мураттабсозии “Декларатсияи истиқлолияти ИМА” ва “Декларатсияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд” дар Фаронса истифода гардиданд. [7-А]

Локк чун намояндаи либерализми классикӣ формулаи волоияти давлати ҳуқуқиро, ки ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ ва моликиятро дорад, пешниҳод намуд. Маҳз, рисолаи дуюм инъикоси ин формула аст, ки онро манифести либерализм номидан мумкин аст.Т.Ҷефферсон чун яке аз муаллифони “Декларатсияи истиқлолияти ИМА” ба формулаи Локк танҳо як тағйирот, яъне ба ҷои мафҳуми “моликият” мафҳуми “ҷустуҷуи саодат” ро ворид месозад [4, с. 25-28], ки минбаъд Конститутсияи ИМА онро чун муқаддима истифода намудааст.

Дар марҳилаҳои шиддатёбии буҳронҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ табақаҳои ҷомеа метавонанд ба идеологияҳои мухталиф, баъзан ҳатто ба реаксионӣ ва экстремистӣ бигараванд, ки таҳаммулнопазирии худро нисбати арзишҳои демократӣ, давлати ҳуқуқӣ ва тақсимоти қудратҳо намоиш медиҳанд. Дар ин гуна ҳолатҳо ақидаҳои Локк дар равандҳои кунунии Афғонистони муосир бо ба сари қудрат омадани толибон муҳим арзёбӣ мегардад.

Ғояҳои конститутсионализм, эҳтироми қонун, ҳуқуқ, озодии шаҳрвандон, суд, ҳокимияти давлатӣ принсипҳои асосии назарияи Локк маҳсуб ёфта, имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ дар марҳилаи кунунӣ бо муаммоҳое рӯ ба рӯ мегарданд, ки дар рисолаҳои Локк баррасӣ мешуданд, ҳарчанд онҳо дар асри XVII ба вуқуъ пайваста буданд, аммо ҳоло ҳам ба он монанд ҳодисаҳо зуҳур мекунанд. Бинобар ин, дар муайянсозии дарки амиқи муаммоҳои ҷомеаи гражданӣ ва давлати ҳуқуқӣ таҷрибаи назариявии Локк метавонад кумак расонад. [6-А]

Албатта барои хонандаи муосир рисолаҳои Локк шояд содда намоянд, аммо маҳз ин соддагӣ ва ошкорбаёнӣ осори ӯро муҳим ва ҷолиб менамоянд. Модели давлат, ки онро Локк пешниҳод кардааст, дар аксари давлатҳои мутараққӣ амалӣ гаштааст ва дар рушди он нақши босазои ғояҳои фалсафӣ- сиёсии Локк назаррас аст. [1-А]

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Татбиқи амалии таҳқиқот, ки ақидаҳои Ҷон Локкро дар бораи либерализм, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқҳои табиӣ (ҳаёт, озодӣ, моликият), дарки ҳукумат ҳамчун воситаи ҳифзи ин ҳуқуқҳо ва эътирофи ҳуқуқи мардум ба муқовимат, инъикос мекунад, метавонад қобили қабул бошад. Равиш ба моҳияти идоракунӣ, табақаҳо ва давлат, ки дар фалсафаи ӯ мавҷуд аст, дар замони мо - асри ҷомеаи иттилоотӣ - низ муҳим аст, вақте ки онро ҳамчун асоси назариявӣ барои мафҳумҳои рушди иҷтимоӣ истифода бурдан мумкин аст.

2. Таҳқиқот инчунин метавонад дар таҳияи барномаҳои таълимӣ

оид ба фалсафа ва илмҳои сиёсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бахусус барои курсҳои "Таърихи фалсафа" истифода шавад. Тавсия дода мешавад, ки мафҳумҳои Локк дар бораи либерализм, ҳуқуқҳои табиӣ ва тақсими қудратҳо ба таври васеъ истифода шаванд.

3. Барои шаҳрвандон, барои нишон додани мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ: Бо эътироф кардани ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи худ, шаҳрвандон метавонанд аз ҳукумати худ талаб кунанд, ки онҳоро ҳифз ва эҳтиром кунад. Агар ҳукумат ҳуқуқҳои онҳоро поймол кунад, мардум ҳақ доранд, ки ба таври осоишта ё фаъолона ба амалҳои он муқовимат кунанд.

4. Барои идоракунии давлатӣ:

Тақсимоти қудратҳо: Андешаҳои Локк дар бораи тақсимоти қудратҳо асоси шаклҳои муосири ҳукуматро ташкил доданд, ки дар он қудрат дар як даст мутамарказ нашудааст. Ҳифзи моликият: Эътирофи моликияти хусусӣ ва ҳифзи он қисми асосии либерализми муосир аст, ки аз ҷониби Локк асос гузошта шудааст ва дар ин асар инъикос ёфтааст.

5. Барои тақвияти ҷаҳонбинии илмӣ дар байни ҷавонон, зарур аст, ки ыисмьои таркибии курсҳои фалсафа такмил дода шавад ва аҳамияти дарки ҷаҳонбинии илмӣ тавассути таърихи он, дарки ҳуқуқҳои табиӣ ва воситаҳои ҳифзи ин ҳуқуқҳо ыайд карда шавад. Маориф бояд на танҳо таълимӣ, балки тарбиявӣ низ бошад ва донишҷӯёнро ба сӯи фаҳмиши амиқтари воқеият ва нақши онҳо дар он роҳнамоӣ кунад.

6. Дар низоми таҳсилоти миёна, муаллимон метавонанд мафҳумҳоеро ба монанди ҳуқуқҳои табиӣ, тақсимоти қудратҳо ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳангоми таълими илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ бо истифода аз равиши таърихӣ дар усулҳои таълими худ татбиқ кунанд.

7. Дар таҳқиқоти минбаъдаи фалсафӣ, рисола метавонад барои таҳлили сохтори тасвир аз нигоҳи идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода шавад ва метавонад ҳамчун асоси методологӣ барои таҳияи назарияҳои нави илмӣ хизмат кунад.

8. Барои таҳия ва татбиқи сиёсати илм ва маориф дар сатҳи давлатӣ, ин таҳқиқот метавонад ҳамчун асоси консептуалӣ барои сохтани модели миллии таҳқиқоти фалсафӣ ва таълими он дар Тоҷикистон истифода шавад.

9. Натиҷаҳои бадастовардаро муҳаққиқон ва олимони ҷавон метавонанд ҳамчун асоси таҳқиқоти минбаъда, таҳияи рисолаҳо ва татбиқи амалии ин назарияҳо дар муҳитҳои илмӣ ва таълимӣ истифода баранд.

# СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

## 1. Источники

[1] Алмонд, Габриэль; Верба, Сидней. Гражданская культура: политические установки и демократия в пяти странах / Е Алмонд; С. Верба; пер. с англ. Е. Генделя. - Москва: Мысль, 2014. 500 с.

[2] Аристотель. Сочинения: В 4 т. М., 1983. Т. 4.- 416с.

[3] Гоббс Т. Левиафан//Избранные произведения в двух томах.-М.-1991.-Т.2. - 731с.

[4] Декларация о Независимости Соединенные Штаты Америки.//Соединенные Штаты Америки. Конституция и законодательство. М.: Прогресс. Универс, 1993. - С.25-28.

[5] Ермилов В.М. Великая книга Локка. Изд. Сытина, 1905. - 29 с.;

[6] Зокиров Г. Сиёсатшиноси, нашри сеюм-Душанбе, “Эр-граф”,2010. - 520с.

[7] Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Душанбе, 2011. - 459с.

[8] Заиченко Г.А. Джон Локк / Г.А. Заиченко – М.: «Мысль», 1988. – 306 с.

[9] Иномзода А.З., Шехмамадова А. Становление и развитие парламентаризма в Таджикистане // Муаррих. Историк. АНТ. 2018.Душанбе. - С.82-85.

10] Кеткова И.В. Политическая доктрина Джона Локка как осмысление проблем Английской революции / Деп. в ИНИОН. - Нижний Новгород, 1991. - 24 с.

[11] Конституция Республики Таджикистан. Душанбе, 2003. 86 с.

[12] Курбонов Ш.Д. Становление и развитие гражданского общества в Республике Таджикистан.//Инновационный потенциал молодежи: гражданственность, профессионализм, творчество. Материалы конференции. УрФУ. 2020. - С. 267-273.

[13] Лавровский В.М., М.А. Барг. Английская буржуазная революция. Некоторые проблемы английской буржуазной революций 40-х годов XVII века. М.1958. - 365с.

[14] Локк Дж. Опыты о законе природы. Сочинения в 3-х т. Т.2. // Отв. ред. И.С. Нарский. М., «Мысль», 1985г. - 560с.

[15] Локк Дж. Два трактата о правлении. Сочинения в 3-х т. Т.3. // Отв. ред. И.С. Нарский. М., «Мысль», 1988г. - 668с.

[16] Литвинова Е. Ф. Джон Локк. Его жизнь и философская деятельность. Из серии: Жизнь замечательных людей (ЖЗЛ-1890-1924); М.: Rugram.2012.- 54 с.

[17] Малинин В. Н. О системе воспитания Джона Локка. Киев, 1894, - 358с.

[18] Монтескье Ш. Избранные произведения. М., 1955. - 803с.

[19] Муҳаббатов А.Ҳизбҳои сиёсӣ:воқеият ва дурнамо (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ).-Душанбе, 2011.-144с.

[20] Муҳаммад Абдураҳмон. Инсон, сиёсат ва ҷомеа.- Душанбе, 2018.-240с.

[21] Нарский, И.С. Западноевропейская философия XVIII века.-М.: «Высшая школа», 1973.-302 с.

[22] Нарский И.С. Дж. Локк и его теоретическая система//Дж.Локк. Сочинения. Т.1.-С.3-76;

[23] Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов/В.С. Нерсесянц. – М.: Изд. группа ИНФРА М – Норма, 1997. – 652 с.

[24] Рахмон Э. Независимость Таджикистана и возрождения нации. Душанбе : Ирфон, 2006. Т. 5. 560 с./ С.349.

[25] В. Серебреников. - Москва : Типография А. Катанского и К°, 1892. - IX, [1], 358 с.

[26] Сморгунова В.Ю. Современный зарубежный социально-правовой и политический дискурс о гражданском обществе.//Изв. РГПУ им.А.И. Герцена, 2004. Т.4. - С.243-258.

[27] Соколов В.В. Европейская философия XV-XVII веков. М.2003. - 435с.

[28] Соловьев Э.Ю. Феномен Локка // Прошлое толкует о нас. Очерки по истории философии и культуры. - М.: Политиздат, 1991.- С. 146-166.

[29] В. В. Успенский и др..(составители) Очерки по истории педагогических учений - Москва : Польза, 1911.- 231 с.

[30] Фон Визер Л. Либерализм. Челябинск. Социум. 2007. - 344с

[31] Харц Л. Либеральная традиция в Америке. М.,1993. - 394с.

[32] Хайек, Фридрих Август фон. Дорога к рабству/Пер. с англ. М.: Новое издательство, 2005.-264 с;

**2. Научные статьи и доклады**

[33] Вишняков А. Вопрос о возможности априорных познаний в учениях Локка и Лейбница, Вера и разум. 1907, № 17, С. 187 - 194; № 18, С. 225 -236;

[34] Киричёк Е.В. «Становление и развитие прав и свобод человека, и гражданина: философско-правовое измерение», Юридическая наука и правоохранительная практика, 2011. №.2 (16). - С.13-22.

[35] Кравченко И.И. Концепция гражданского общества в философском развитии // Полис. - 1991, - № 5. - С.128-138.

[36] Сморгунова В.Ю. Англо-американский либерализм как основание Западной модели гражданского общества: Теоретико-правовой анализ// Известие РГПУ им. А. И. Герцена. №16.2006. С.139-153.// С.152.

**3. Литература на иностранных языках**

[37] Kendall W. John Locke and the doctrine of majority-rule. -Urbana,1965.-p.62-124.

[38] Lamprecht St.P. The moral and Political Philosophy of John Locke. New-York: Columbia University Press,1918.- P.11.

**4. Диссертации и авторефераты**

[39] Муллоев Д.М. Формирование правового государства в Республике Таджикистан./Автореферат диссертации на соискание ученой степени к.ю.н. Душанбе. 2008 – 22с.

[40] Рахмонов А.К. Особенности становления гражданского общества в Таджикистане. Автореферат к.п.н. Душанбе.2008.20с.//с.12.

[41] Сафарализода Х.К. Угрозы современности и их влияние на политическую стабильность Республики Таджикистан//Диссертация д.п.н., Душанбе. 2025. - 421 с.//С.333.

**5. Электронные ресурсы**

[42] Джефферсон Т. «Билль о религиозной свободе»-(1779г.) [Электронный ресурс], Библиотека Михаила Грачева: неофиц. сайт. 2011.- Режим доступа : http://grachev62.narod.ru/hrest/jef_5.html. – 14.12.2011

[43] Сорбалэ А.Б. «Влияние идей мыслителей Старого Света на концептуальное формирование Конституции США 1787 года», http://sci-article.ru/stat.php?i=1401289868.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**[1-М]** Ғояи давлати ҳуқуқбунёд аз нигоҳи таълимоти Ҷон Лок // Паёми донишгоҳи Хоруғ».-2019, № 14-саҳ.200.

**[2-М]** Ғояи истиқлолияти халқӣ (ҳуқуқи халқ ба шуриш) аз нигоҳи таълимоти Ҷон Локк // «Паёми донишгоҳи миллӣ», 2020, № 5, сах.140

**[3-М]** Назарияи ҷамъияти шаҳрвандӣ ва шаҳрванд аз нигоҳи таълимоти Ҷон Локк // «Паёми донишгоҳи Хоруғ», соли 2020, № 1(14), саҳ.175
**[4-М]** Идея народного суверенитета (право народа на восстание) с точки зрения Джона Локка //«Паёми донишгохи Хоруғ», 2021, №2 (18), саҳ. 106
**[5-М]** Теория гражданского общества и гражданина по Джону Локку //«Паёми Донишгохи миллии Точикистон», 2022, № 7,стр. 303
**[6-М]** Влияние взглядов Джона Локка на формирование политической мысли Соединенных Штатов Америки, //«Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»,2023,№ 10, стр.97

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М]** «Влияние взглядов Джона Локка на формирование политической мысли Соединенных Штатов Америки», XVII международная научно-практическая конференция «Фундаментальные и прикладные аспекты развития современной науки», сборник научных статей по материалам конференции Научно-издательского Центра «Вестник науки», г. Уфа, 11.04.2025г.
**[8-М]** «Теория гражданского общества и гражданина по Джону Локку»-доклад на расширенном научно-теоретическом семинаре кафедры общественных наук Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, май 2024г.

**Аннотация**

**диссертации Хамидовой Мухаббат Руфатжановны на тему: «Теория государства в либеральной доктрине Джона Локка”, представленной на соискание ученой степени кандидата философских наук по специальности 09.00.03 – история философии (философкие науки)**

Ключевые слова: народный суверенитет, теория общественного договора, концепции естественного права, право народа на восстание, либерализм, собственность, абсолютная монархия, гражданское общество, законодательная и исполнительная власть, политико-правовая жизнь, концепция государства, политический либерализм, система разделения властей, историко-политические реалии, свобода и социальный договор.

Целью данной работы является изучение социально-политической концепции, становление и формирование гражданского общества и правового государства на основе анализа социально-политической философии Джона Локка.

Исследование по теории государства в либеральной доктрине Локка имеет фундаментальное значение в изучении истории философии и социально-политических учений, формировании гражданского общества и правового государства. Ценность работы проявляется в связи с тем, что формирование идей государства и естественного права, идея либерального государства по Локку применяется на основе взаимосвязи философских, социально-политических, исторических, этико-нравственных знаний. Следовательно, в диссертации анализируется социально-политическая концепция Джона Локка, которая может быть применима в области идеологических дисскуссий между либерализмом и консерватизмом в современной социально-политической практике.

Материалы диссертации могут также применяться в практической деятельности системы управления и образования, а также при разработке и осуществлении долгосрочных программ и проектов в области государственной политики.

Основой исследования диссертации являются принципы историзма, объективности и системности. Для достижения данной цели используется исторический и аналитический методы: изучение исторического прошлого, раскрытие сущности и особенностей данной концепции, анализ идей и политических взглядов мыслителя, а также степень их реализации на практике. В процессе исследования в диссертации применяются научные методы диалектического, исторического, структурно-функционального, системного и сравнительного анализа.

**Аннотатсияи**

**Диссертатсияи Ҳомидова Муҳаббат Руфатҷоновна дар мавзӯи: ”Назарияи давлат дар доктринаи либералии Ҷон Локк”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст.**

Калидвожаҳо:соҳибихтиёрии халқ, назарияи шартномаи иҷтимоӣ, консепсияи ҳуқуқи табиӣ, ҳуқуқи халқ барои шӯриш, либерализм, моликият, ҳокимияти мутлақ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳокимияти қонунгузор ва иҷрокунанда, ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, консепсияи давлат, либерилизми сиёсӣ, низоми тақсимоти ҳокимият, воқеиятҳои таърихӣ-сиёсӣ, озодӣ ва шартномаи иҷтимоӣ.

Ҳадафи рисолаи мазкур омӯзиши консепсияи иҷтимоӣ-сиёсӣ, ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ дар асоси таҳлили фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Ҷон Локк маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти назарияи давлати доктринаи Локк дар омӯзиши таърихи фалсафа ва таълимоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ташаккулёбии ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ аҳамияти бузург дорад. Арзиши рисола дар он зоҳир мегардад, ки ташаккулёбии ғояи давлат ва ҳуқуқи табиӣ, ғояи давлати либералӣ тибқи ақидаи Локк дар асоси алоқамандии донишҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, таърихӣ ва ахлоқӣ истифода мегардад. Бинобар ин, дар рисола консепсияи иҷтимоӣ-сиёсии Ҷон Локк таҳлил гардида, дар соҳаи мубоҳисаҳои идеологии байни либерализм ва консерватизми таҷрибаи муосири иҷтимоӣ-сиёсӣ метавонад истифода гардад.

Маводи диссертатсия дар фаъолияти низоми идоракунӣ ва маориф, инчунин дар раванди коркард ва амалигардонии барномаҳои дарозмуддат ва лоиҳаҳои самти сиёсати давлатӣ метавонанд истифода гарданд.

Асоси таҳқиқоти рисоларо принсипи таърихият, объективият ва низомнокӣ ташкил медиҳад. Бахри расидан ба ин мақсад методҳои таърихӣ ва таҳлилӣ: омӯзиши таърихи гузашта, ошкор намудани моҳият ва хусусиятҳои консепсияи мазкур, таҳлили ғояҳо ва андешаҳои сиёсии мутафаккир, инчунин дараҷаи амалишавии онҳо дар таҷриба истифода мегарданд. Дар раванди таҳқиқот дар рисола методҳои илмии диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-функсионалӣ, системавӣ ва таҳлили муқоисавӣ истифода мегарданд

**Annotation**

**dissertation by Khamidova Muhabbat Rufatjanovna on the topic: "Theory of the state in the liberal doctrine of John Locke", submitted for the academic degree of Candidate of Philosophical Sciences in specialty 09.00.03 – history of philosophy (philosophical sciences)**

Key words: popular sovereignty, theory of social contract, concepts of natural law, the right of the people to revolt, liberalism, property, absolute monarchy, civil society, legislative and executive power, political and legal life, concept of the state, political liberalism, system separation of powers, historical and political realities, freedom and social contract.

The purpose of this work is to study the socio-political concept, the formation and formation of civil society and the rule of law based on the analysis of the socio-political philosophy of John Locke.

Research on the theory of state in the liberal doctrine of Locke is of fundamental importance in the study of the history of philosophy and socio-political doctrines, the formation of civil society and the rule of law. The value of the work is manifested in connection with the fact that the formation of the ideas of the state and natural law, the idea of a liberal state according to Locke, is applied on the basis of the interrelation of philosophical, socio-political, historical, ethical and moral knowledge. Consequently, the dissertation analyzes the socio-political concept of John Locke, which can be applied in the field of ideological discussions between liberalism and conservatism in modern socio-political practice.

The dissertation materials can also be used in the practical activities of the management and education system, as well as in the development and implementation of long-term programs and projects in the field of public policy.

The basis of the dissertation research is the principles of historicism, objectivity and consistency. To achieve this goal, historical and analytical methods are used: studying the historical past, revealing the essence and features of this concept, analyzing the ideas and political views of the thinker, as well as the degree of their implementation in practice. During the research process, the dissertation uses scientific methods of dialectical, historical, structural-functional, systemic and comparative analysis.